МАЪЛУМОТНОМА

«АРЗИШ ВА ДУРНАМОИ ПЕШБУРДИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

Душанбе, 2019

«Арзиш ва дурнамои пешбурди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»: Маълумотнома / Ф. Муминова, У. Раҳмонов, С. Раҳимов, Б. Маҳкамов. - Душанбе : Эр- граф, 2019. — 100 саҳ.

Маводи мазкур дар доираи ҳамкории лоиҳавӣ байни Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии ҳамкории байналмилалии Ҷопон ба се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ таҳия шудаст.

Мавод ба тариқи ройгон паҳн карда мешавад.

Варианти электронии мавод дар сомонаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.mts.tj ҷойгир карда шудааст.

© Ҳайати муаллифон

© Агентии ҳамкории байналмилалии Ҷопон (JICA)

МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ РУШДИ КИШВАР

Тавсиф	Динамика
• Рушди нисбатан баланди ММД ба мушоҳида мерасад, ба ҳисоби миёна тайи панҷ соли охир то 7% будааст. Сарфи назар аз таъсироти буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ рушди мусбати ММД ҳифз мешавад.	**Суръатҳои афзоиши ММД** 
• Рушди иқтисодӣ аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саноат, густариши ҳаҷми сохтмон, ҳамчунин, гардиши чаканаи амвол ва хизматрасонӣ таъмин карда мешавад (талабот қонеъ мегардад, ки аз ҷумла натиҷаи интиқоли маблағи муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад).	**Ҳисси бахшҳои алоҳида дар ММД, %** 
• Ҳаҷми интиқоли пул коҳиш ёфтааст, аммо ҳанӯз баланд аст, ки ин ба рушди маҷмӯи пешниҳодот мусоидат мекунад.	**Интиқоли маблағҳо ба Тоҷикистон** 

• Пешрафти корхонаҳои хурд дар низоми тиҷорат ва хӯроки ҷамъиятӣ, нақлиёт ва сохтмон нисбатан босуръат аст.	**Афзоиши теъдоди корхонаҳои хурд (дар давоми солҳои 2010-2017)** 
• Агарчи дар арзёбии байналмилалии рақобатпазирии кишвар ва идора кардани бизнес ҷиҳатҳои нисбатан осебпазири кишвар бо вазъи молиявии мамлакат, андозаи бозори дохилӣ ва тавонмандии инноватсионӣ алоқаманд карда мешавад, аммо дар самтҳои зерин саъю талош карда мешавад: –беҳбуди фаъолияти Бонки миллӣ (дар доираи барномаҳо то соли 2019), таҳкими сиёсати пулӣ–кредитӣ (дар давраи то соли 2020), ҳамчунин, таъмини ҳимояи истифодабарандагони хизматрасонии молиявӣ ва рушди низоми пардохт (дар давраи то соли 2025); –дастгирии рушди содирот (дар доираи амалисозии тарҳҳои зерсохтор–ҳамасола дар ҳаҷми 5,6–6% нисбат ба ММД, ҳамчунин, амалисозии барномаҳо доир ба мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ); –дастгирии рушди соҳибкории истеҳсолӣ аз тариқи вогузории имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ, ҳимояи сармоягузорӣ.	**Мавқеи Тоҷикистон дар арзёбиҳои байналхалқии рақобатнокӣ (соли 2018)**  **Мавқеи Тоҷикистон дар арзёбиҳои Пешбурди тиҷорат, соли 2018** 

Сарчашма: Маҷаллаҳои оморӣ, www.stat.tj,www.worldbank.org

МУНДАРИҶА

МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ РУШДИ КИШВАР 3

1. СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ДАСТГИРӢ \ТАҲКИМИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА 7

1.1. Раҳнамудҳои миллии стратегӣ доир ба дастгирӣ/таҳкими соҳибкории хурд ва миёна (дар асоси Стратегияи миллии рушд–2030 ва Барномаҳои миллии дастгирии соҳибкорӣ)..... 7

1.2. Шарҳи стратегияҳои бахшӣ (секторалӣ) ва минтақавӣ ва барномаҳои рушд дар пасманзари мусоидат ба рушди соҳибкории хурд ва миёна..... 11

1.3. Арзёбии ниҳодии (институтсионалии) фаъолияти механизмҳои рушди таҳкими соҳибкории хурд ва миёна (аз ҷумла, бо зикри кумаки берунӣ/донорӣ доир ба мусоидат ба рушди соҳибкорӣ) 29

2. ТАЪСИСИ МУАССИСАИ НАВ 38

2.1. Бақайдгирии муассиса (хизматрасонии давлатӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ ба воситаи марказҳои «равзанаи ягона», шароити кор, киро кардани кормандон) 38

2.2. Литсензиядиҳӣ (литсензиядиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, патентҳо)..... 43

2.3. Стандартизатсия (сертификатҳо ва хулосабарорӣ) 46

2.4. Қонунгузорӣ оид ба истифодаи замин (доираи меъёрии ҳуқуқӣ оид ба истифодаи замин, арзиши хизматрасонии давлатӣ, ки ҳангоми тартибдииҳии асноди заминсозӣ ва додани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ба қитъаи замин расонида мешавад)..... 48

2.5. Амволи ғайриманқул (тиҷоратӣ (истеҳсолӣ) бо инъикоси мизони пардохти иҷорапулӣ барои истифодаи амволи давлатии ғайриманқул) 53

2.6. Хизматрасонии коммуналӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ (гармидиҳӣ, тарифи неруи барқ, об ва ғайра) 54

3. АНДОЗ ВА ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ 56

3.1. Андоз ва боҷ (бо зикри тамоми пардохтҳои андоз)..... 56

3.2. Имтиёзҳо ва преференси андоз..... 79

3.3. Пардохтҳои гумрукӣ (ставка ва боҷи гумрукӣ, санадҳои зарурӣ барои тартиботи гумрукӣ, имтиёзҳо оид ба пардохтҳои гумрукӣ) 84

4. БИЗНЕС–ХИЗМАТРАСОНӢ 91
4.1 Хизматрасонии молиявӣ 91
4.2. Хизматрасонии ҳуқуқӣ (баррасии муноқишаҳои хоҷагӣ, боҷ барои амали ҳуқуқӣ, тартиботи ихтиёрӣ бастани муассиса, марҳалаҳои гузаштани тартиботи бастани муассиса)..... 106
4.3. Машварат (косалтинг) (бо зикри миқёси хизматрасонии машваратӣ барои соҳибкорон ва нишондодҳои нархии онҳо, ҳамчунин арзёбии молу мулк) 108
4.4. Коммуникатсия (телекоммуникатсия, алоқаи мобилӣ ва интернет) 109
4.5 Амалиёти байналмилалӣ доир ба таҳвили амвол. 110
5. СУРОҒА ВА РОБИТАҲОИ ЗАРУРӢ / RELEVANT CONTACTS..... 114
ЗАМИМА 118

БАХШИ 1 СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ДАСТГИРӢ \ТАҲКИМИ СОХИБКОРИИ ХУРД ВА МИЁНА

1.1. Самтгирии стратегии дастгирӣ/таҳкими соҳибкории хурд ва миёна (дар асоси Стратегияи миллии рушд–2030 ва Барномаҳои миллии дастгирии соҳибкорӣ)

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва беҳбуди фазои сармоягузориро дар Стратегияи рушд то соли 2030 чун воситаи асосии таъмини ҳадафҳои миллӣ дохил кардааст. Қисми бештари рушди иқтисодии банақшагирифташуда аз тарафи бахши хусусӣ таъмин карда мешавад.

Ҷадвали 1.

Дурнамои рушди кишвар

	2017	2020	2025	2030
Сатҳи зиндагӣ ва даромадҳо				
ММД ба ҳар сари аҳолӣ, долл. аз рӯйи баробарии қобилияти харидорӣ	3180,4	3500-3800	4200-4900	5500- 7500
Сатҳи камбизоатии аҳолӣ,%	29,5	20	18	15
Ҳиссаи синфи миёна,%	25	30	40	50
Рушди иқтисод				
Рушди миёнаи солонаи ММД,%	7,1	7-7,5	7-7,8	7-8
Ҳиссаи сармоягузории хусусӣ дар ММД,%	6	10-12	15-20	18-25
Ҳиссаи кишоварзӣ дар ММД,%	21,1	21-19,5	20,1-19,5	19-17
Ҷойгоҳ дар рейтингҳо ва баҳодиҳии ҷаҳонӣ				
Нишондиҳандаи рушди инсонӣ	дар гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи миёнаи рушди инсонӣ		дар гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи баланди рушди инсонӣ	
Пешбурди соҳибкорӣ (Doing Bisiness)	126 (соли 2018)	на пойинтар аз ҷойи 80	на пойинтар аз ҷойи 70	на пойинтар аз ҷойи 60
Сифати идоракунии давлатӣ		дар гурӯҳи ислоҳотчиён	дар ҷумлаи пешвоёни кишварҳои Осиёи Марказӣ	
Рақобатпазирии иқтисоди миллӣ	дар гурӯҳи кишварҳое, ки дар онҳо рақобат ба манбаъҳо асос ёфтааст		гузариш ба гурӯҳи кишварҳое, ки дар онҳо рақобат ба маҳсулнокӣ асос ёфтааст	дар гурӯҳи кишварҳое, ки дар онҳо рақобат ба маҳсулнокӣ асос ёфтааст

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Саъю талош ба ташаккули низоми нави ниҳодии дастгирии бахши хусусӣ ва тағйироти бунёдии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ равона хоҳад шуд (махсусан, дар давраи то соли 2020).

Дар айни замон, Стратегияи беҳбуди фазои соҳибкорӣ ва Стратегияи баланд бардоштани ҷаззобият–унсурҳои асосӣ дар ташаккули шароит барои намунаи нави рушди иқтисодӣ мебошанд.

Дар доираи дастгирии сармоягузории рушди соҳаҳои алоҳида таваҷҷуҳ ба афзун намудани тавонмандии бахши хусусӣ хоҳад шуд.

Расми 1. Ҳаҷми сармоягузории хусусӣ % нисбат ба ММД



Расми 2. Самтгирии стратегии амал оид ба рушди фаъолнокии сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ



Расми 3. Манбаъҳои иттилоотӣ барои арзёбӣ ва мониторинг



Барои таъмини ноилшавӣ ба сатҳи нишондиҳандаҳои пешгӯи шавандаи рушди иқтисоди миллӣ, аз ҷумла афзоиши устувори ММД ва расонидани ҳиссаи сармоягузорӣ ба сатҳи на камтар аз 10% ММД дар соли 2020 кӯшишу талошҳо дар баробари дигар самтҳо ба ташаккули шароит барои рушди шарикияти давлат ва бахши хусусӣ ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи соҳавӣ равона мегарданд.

Фаъолгардонии кӯшишҳо дар самти ҷалби сармояи хусусӣ ба бахши хизматрасонии бозорӣ, аз ҷумла ба сектори хоҷагии коммуналӣ низ дар назар аст.

Дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳо доир ба дастгирии рушди соҳибкорӣ инъикос ёфтанд. Президенти кишвар дар самти такмили фазои соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикстон супоришҳои мушаххас дод.

Ташаббус/ Дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сол	
2016	рушди механизми дастгирии давлат ва додани имтиёзҳо ба истеҳсолкунандагон ва содиркунандагони молу маҳсулоти ватанӣ аз ҷиҳати андоз ва боҷи гумрукӣ ҳангоми ворид намудани технология ва таҷҳизоти нав аз ҷониби сармоягузорон;
2017	ташкили марказҳо ва курсҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, саводи молиявӣ ва дараҷаи касбӣ ва малакаи соҳибкорон;
	эълон намудани мораторияи тафтиши ҳамаи навъҳои истеҳсолии фаъолияти соҳибкорон ба муҳлати ду сол;

2018	манъ кардани ҳама гуна тафтиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ дар давраи солҳои 2019–2021 (аз ҷониби ҳамаи мақомоти тафтишотӣ-назоратӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо шумули Прокуратураи генералӣ, Палатаи ҳисоб, Агентии давлатии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллӣ ва мақомоти андоз ва гумруки кишвар);
	дар шаҳру ноҳияҳо ташкил намудани марказҳои хизмати соҳибкорон, ки дар як вақт вазифаҳои бизнес-инкубаторҳоро иҷро мекунанд;
	эълон кардани “300 рӯзи ислоҳот доир ба дастгирии соҳибкорон ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ”

Сарчашма: Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

1.2. Шарҳи стратегияҳои бахшӣ (секторалӣ) ва минтақавӣ ва барномаҳои рушд дар пасманзари мусоидат ба рушди соҳибкории хурд ва миёна

Пас аз қабули Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, пеш аз ҳама, супориш шуда буд, ки тамоми стратегияҳои бахшӣ (секторалӣ) ва минтақавӣ ва барномаҳои рушд бо вазифаҳои биниши нави рушди дарозмуддати кишвар мутобиқ карда шаванд. Аз ин ҷост, ки барномаҳои то соли 2016 қабулшуда доир ба рушди бахшҳо ва минтақаҳо аз нигоҳи таъйини дурнамо ва арзёбии индикативии пешравӣ мавриди ислоҳ қарор мегиранд.

Дар айни замон, саҳми соҳибкории хурд ва миёна дар амалисозии вазифаҳои бахшӣ (секторалӣ) ва минтақавӣ муҳим мебошад.

Расми 4.

ТАҒЙИРОТҲОИ СОХТОРӢ. Яке аз нуктаҳои асосии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 тағйири таносуб байни саҳми саноат ва кишоварзӣ дар ММД, яъне афзуншавии тадриҷии саҳми саноат дар ММД нисбат ба кишоварзӣ мебошад.

Тағйироти соҳавӣ

	Саноат	Кишоварзӣ
Суръати рушди истеҳсолот	–ба ҳисоби миёна – 16,3% (солҳои 2016-2018) -на камтар аз 10% (то соли 2030)	– ба ҳисоби миёна – 5,3% (солҳои 2016–2018) – на камтар аз 8% (то соли 2030)
Ҳисса дар шуғл	– ба ҳисоби миёна – 3,6% (солҳои 2016-2017) – на камтар аз 15% (то соли 2030)	– ба ҳисоби миёна – 62,8% (солҳои 2016–2017) – на зиёда аз 30% (то соли 2030)
Ҳисса дар ММД	–ба ҳисоби миёна – 16,5% (солҳои 2016-2018) -на камтар аз 20% (то соли 2030)	– ба ҳисоби миёна –20,1% (солҳои 2016-2018) – на бештар аз 19% (то соли 2030)

РУШДИ САНОАТ. Вазифаи асосӣ – таъмини суръатҳои баландтари рушди саноат дар муқоиса бо дигар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар.

Рушди саноат

Нақши соҳа дар иқтисод (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2016–2017)

- ҳисса дар ММД – 17%
- ҳиссаи бахши хусусӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолот – 80%
- сармоягузорӣ бо % нисбат ба арзиши илова дар соҳа – 63%
- рушди миёнасолонаи шуғл – 6,3%

Стратегияҳо ва барномаҳои муҳим

- Стратегияи рушди саноат дар давраи то соли 2030
- Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2016-2020
- Барномаи рушди саноати сабук то соли 2022, баъзе барномаҳои соҳавии рушди саноати сабук (коркарди пурраи пахта, коркарди пурраи маводи хоми чорводорӣ (пӯст ва пашм), истеҳсоли маснуоти кӯдакона, рушди пиллапарварӣ ва коркарди пилла, рушди колинбофӣ)

Нишондиҳандаҳои мунтазиршаванда дар соли 2030

– ҳиссаи соҳа саҳм дар ММД – на камтар аз 20%
– рушди истеҳсолоти саноат –на камтар аз 4 маротиба

Дар доираи соҳаҳои саноати коркард ҳиссаи нисбатан бештар ба саноатҳои хӯрок ва сабук рост меояд, ки дар онҳо бештар корхонаҳои на

чандон калон фаъолият менамоянд (чунин вазъ дар дигар зерсоҳаҳои соҳа низ ба мушоҳида мерасад).

Суръатҳои нисбатан баланди рушд дар солҳои охир таъмин гардид, махсусан дар истеҳсоли семент (истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ) ва истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикии сохтмонӣ.

Ҷадвали 2.

Ҷанбаҳои соҳавии рушди саноат

	Зерсоҳаҳои саноат	**Ҳисса дар ҳаҷми умумии истесоли саноатӣ,% (соли 2017)**	**Ҳиссаи корхонаҳо бо теъдоди коргарон камтар аз 50 нафар ,% (соли 2017)**	**Суръати миёнасолона и афзоиши ҳаҷмҳои истеҳсолот (солҳои 2016-2017)**
1.	Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока	21,4	92,1	10,4
2.	Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ (маводи сохтмонии ғайримаъданӣ, истихроҷи намаки ошӣ)	21,1	94,0	37,3
3.	Истехсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ	11,8	86,4	16,6
4.	Истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ (рехтаи чӯянин, рехтаи оҳанин, дару тирезаҳои алюмини, арматураи сохтмонӣ)	10,9	92,2	7,0
5.	Истехсоли харгуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ (семент, бетон, плитаҳои роҳрав)	10,4	94,5	39,6
6.	Дигар зерсоҳаҳо	24,4		19,9
7.	Ҳамагӣ	100,0	90,5	18,6

Сарчашта: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷаллаи оморӣ.- Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018.

Нақшаҳои оянда бештар бо таъмини суръатҳои нисбатан баланди рушди соҳаҳои саноати коркард бо зиёд намудани ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ пайваст мебошад.

Ҷалвали 3.

Сохтори истеҳсолоти саноатӣ,%

	2017	**2020**	**2025**	**2030**
Саноат–таъмини суръатҳои баланди рушди саноати коркард				
Саноати истихроҷ	22,6	11-12	11-11,5	9-10
Саноати коркард	58,8	72-74	74-75	74-75,5
Истеҳсол ва тақсимоти газ, об ва барқ	18,6	15-16	14-14,5	14-14,5

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Мисоли мушаххас. Саноати сабук яке аз соҳаҳои меҳнатталаб буда дорои неруи баланди рушд мебошад, ки амалишавии он ҳар гуна чораҳои дастгирии давлатӣ метавонад кӯмак расонад, аз ҷумла:

- сатҳи боҷҳои гумрукӣ ба воридоти қолин ва маснуоти қолинӣ аз 15% то 30% бардошта шуд. Ҳамзамон боҷҳои гумрукӣ ба воридоти ашё ва материалҳо барои истеҳсоли қолинҳо аз 5-10% то 0% коҳиш карда шуданд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.08.2016, № 379);
- аз пардохти Андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои воридотӣ ҳама гуна таҷҳизоти нав ва воситаҳои эҳтиётӣ озод карда шуданд;
- андоз аз фуруши нахи пахта (10%) бекор карда шуда боҷи содиротӣ дар сатҳи 10% муайян гардид (қарори Ҳукумати ҶТ аз 25 январи соли 2017, № 49)

Инкишофи корхонаҳои нав бо сикли пурраи коркарди пахта ба мисли ҶСП «Чунтай – Данғара – Текстиль», ҶДММ «Адолат А» (Фархор), ҶДММ «Бехрузи Мурод» (Вахш) и ҶДММ «Евразия текстиль» (Данғара)) дар баробари таъмини афзудани фоизи истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ метавонанд ба расонидани иқтидори корхонаҳои коркарди нахи пахта то соли 2030 то ба 146 ҳаз. тонна саҳм гузоранд.Ҳамзамон, пешбинӣ мешавад, ки дар ин муддат ҳаҷми истеҳсоли нахи пахта қариб 10 маротиба, газвори пахтагин қариб 13 маротиба меафзояд.

Афзоиши даромадҳои аҳолӣ ба афзудани талабот ба маҳсулоти дӯзандагию пойафзол такон мебахшанд. Дар ин раванд, афзоиши талабот ба маҳсулоти коркарди пахта, истеҳсоли газворҳои пахтагин ва маҳсулоти кашбофӣ – футболкаҳо, либосҳои тагӣ, либосҳои кӯдакона, истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ – костюму куртаҳои мардонаю занона, ҳамзамон ба маҳсулоти коркарди чарм, аз ҷумла пойафзоли кӯдакона, мардонаю занона пешбинӣ мешавад.

Дар содирот газвору либосу адрасӣ нақш дошта бо рушди сайёҳӣ ҳамоҳанг мешавад.

Афзалиятҳо дар таъмини рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон	
Афзалиятҳои дарозмуддат	**Вазифаҳои миёнамуҳлат**
• баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва арзиши иловагии соҳаҳои саноат; • рушди ҳаҷми истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти саноатии рақобатпазир дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ; • созмондиҳии низоми муассири таҷдиди кадрҳои дорои қобилияти ба вуҷуд овардан ва азхуд кардани технологияи саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ; • ба вуҷуд овардани асоси ниҳодии ҷиҳати рушди устувори соҳаҳои саноат; • ба вуҷуд овардани кластерҳои инноватсионии баландмаҳсул; • рушди низоми миллии воридотивазкунии селективӣ ба асоси коркарди захираҳои маҳаллӣ.	• такмили тадбирҳои танзими гумрукӣ – тарифӣ ҷиҳати ҳимояи маҳсулотистеҳсолкунандаи ватанӣ дар доираи меъёрҳои СУС; • такмили сиёсати қарзӣ –молиявӣ барои таъмини соҳаҳои саноат бо манбаъҳои қарзӣ бо шароити қобили қабул; • такмили сиёсати андоз ҷиҳати ҳавасмандкунонии фаъолмандии сармоягузории соҳибкорони хусусӣ; • такмили асоси меъёрии ҳуқуқии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунӣ; • замонасозии соҳаҳои саноат ва гуногуншакл кардани он; • баланд бардоштани сифат ва эътибори маҳсулоти саноатии ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ.

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

РУШДИ КИШОВАРЗӢ. Барои пурратар истифода бурдани неруи рушд, баргузории минбаъдаи ислоҳотҳо дар самти таъмини устувории рушд, ташкили занҷираҳои арзиши иловашуда – аз истеҳсоли ашё то ба маҳсулоти тайёр дар чорабиниҳои сиёсати иқтисодӣ бо такя ба тавонмандии бахши хусусӣ пешбинӣ мешаванд.

Рушди кишоварзӣ

Нақш дар иқтисод (ба ҳисоби миёна дар солҳои 2016–2017)

- саҳм дар ММД – 20,7%
- саҳми бахши хусусӣ дар ҳаҷми умумии истеҳсолот – на камтар аз 93%
- сармоягузорӣ бо % нисбат ба арзиши изофа дар соҳа – 1%
- рушди миёнасолонаи шуғл – (-0,5%)

Стратегияҳо ва барномаҳои муҳим

- Барномаи ислоҳоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2012- 2020)
- Концепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030
- Барномаи комплексии рушди соҳаи чорводорӣ дар солҳои 2018-2022
- Барномаи амнияти маҳсулоти озуқаворӣ дар солҳои 2019-2023

Нишондодҳои мунтазира дар соли 2030

- афзоиши маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ – на камтар аз 2,5 маротиба
- афзоиши ҳиссаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ то тақрибан 50%

Пешбинӣ мешавад, ки бахши кишоварзӣ яке аз сарчашмаҳои калидии таъмини рушди иқтисод ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ боқӣ мемонад. Суръатҳои нисбатан баланд дар зерсоҳаи зироаткорӣ бо афзоиши истеҳсоли меваю сабзавот пайваст аст. Дар ин раванд истеҳсоли меваю сабзавот торафт нақши муҳимро дар содироти маҳсулот ишғод мекунад.

Мисоли мушаххас. Имкониятҳои рушд дар соҳаи кишоварзӣ васеъ буда тавонмади қонеъ намудани талаботи афзунмешудаи бозори дохилӣ ва хориҷӣ, ва талаботҳои саноати хӯрока мебошад.

Дар раванди пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар маҳсулотҳо дар бозор зарурати мутобиқшавии он ба стандартҳои сифат хеле муҳим аст. Азбаски истеҳсолкунандагони маҳсулоти коркардашудаи озуқаворӣ хеле аз сифати ашё пайваст мебошанд, аз ин лиҳоз бештар бевосита бо ширкатҳои аграрӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ кор мекунанд, то ин ки ба бозор маҳсилоти сифатан хуб пешниҳод намоянд.

Эҳтиёҷотҳо дар сармоягузорӣ	
Саноати хӯрокворӣ	*Таъминоти соҳаи кӯрокворӣ*
Хушк намудани меваю сабзавот, аз ҷумла ангур, зардолу, себ ва помидор	Афзоиши ҳаҷмҳои истеҳсолоти дохилии меваю сабзавот, Хатҳои нақлиётӣ ва таъмини нигаҳдории ашёю маҳсулот
Консервакунӣ ва яхбандии маҳсулот	Афзоиши ҳаҷмҳои истеҳсолоти дохилии меваю сабзавот, Афзоиши иқтидорҳои коркард. Хатҳои нақлиётӣ ва таъмини нигаҳдории ашёю маҳсулот
Коркарди саноатии меваю сабзавот	Афзоиши ҳаҷмҳои истеҳсолоти дохилии меваю сабзавот, Афзоиши иқтидорҳои коркард. Рушди савдои яклухт
Саноати ширӣ	Рушди чорводорӣ ва базаи хуроки чорво. Афзоиши иқтидорҳои коркард. Қуттикунӣ ва маркировкаи маҳсулот
Истеҳсоли нӯшокиҳо	

Ҷадвали 4.

Ҷанбаҳои соҳавии рушди кишоварзӣ

	Зерсоҳаи кишоварзӣ	**Ҳисса дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ,% (соли 2017)**	**Суръатҳои миёнасолонаи рушд (миёнаи солҳои 2016-2017)**	**Ҳиссаи истеҳсолкунандагон дар ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишоварзӣ (соли 2017)**	
				хоҷагиҳо и деҳқонӣ	**Хоҷагиҳо и наздиҳав лигӣ**
1.	Растанипарварӣ	69,1	6,2	54	39
2.	Чорводорӣ	30,9	5,6	3,7	94,7

Сарчашта: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Маҷаллаи оморӣ.- Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018.

Дар солҳои минбаъда ташаккули хоҷагиҳои деҳконии бо миқёси саноатии истеҳсоли маҳсулот муҳим мегардад. Дар натиҷаи кушишҳои зиёд дар самти беҳтар намудани идораи захираҳои обӣ ва сифати замин, тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ, дар назар аст, ки рушди маҳсулнокии соҳа меафзояд. Ин боиси афзоиши пешниҳоди маҳсулоти кишоварзӣ барои коркард дар доираи саноати хӯрока мегардад.

Ҷадвали 5.

Суръати таъмини амнияти озуқаворӣ,%

	2017	2020	2025	2030
Амнияти озуқаворӣ				
Сатҳи худтаъминкунии кишвар бо озуқаворӣ	57	60	65	70
Дастрасии иқтисодии озуқаворӣ (ҳиссаи хароҷот ба озуқа дар масрафҳои умумии аҳолӣ)	49	49-48	47-45	42-40

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Афзалиятҳо дар таъмини рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон	
Афзалиятҳои дарозмуддат	**Вазифаҳои миёнамуҳлат**
• гузаштан ба сатҳи баланди саноатикунонӣ ва рушди устувори бахши аграрӣ; • баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва инсонӣ дар асоси беҳбуди ҳолати обёрии киштзор ва таъмини шуғли муассири аҳолии деҳот; • бозсозӣ ва барқарорсозии зерсохтори обёрӣ ва ҷорӣ намудани технологияи муосири обёрии сарфакунандаи энергия	• суръатбахшӣ ба ислоҳоти аграрӣ ба мақсади ташаккул ва рушди истеҳсолоти баланддаромади кишоварзӣ; • таъмини дастрасии устувори истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ба манбаъҳои молиявӣ ва қарзӣ; • беҳбуди зерсохтор ва таъминоти моддӣ- техникии соҳаи кишоварзӣ; • бартараф кардани сатҳи пасти худтаъминкунии озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳи амнияти озуқаворӣ ва беҳбуди сифати ғизохӯрӣ

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

ШУҒЛ ВА ТАҲСИЛОТ. То соли 2030 аҳолии ҷумҳурӣ бемайлон афзоиш ёфта, ба 11,5 млн. нафар хоҳад расид. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиши шумораи аҳолии синни қобили меҳнат барои суръат бахшидани рушди иқтисодӣ имконият фароҳам меоварад. Азбаски аҳолии кишвар бо суръати баланд афзоиш меёбад, суръати афзоиши истеҳсолот низ бояд баланд бошад. Дур шудан аз бартарияти ҳиссаи шуғл дар соҳаи кишоварзӣ бояд қисми муҳими ислоҳот дар соҳаи шуғл ва афзоиши маҳсулнокии кор гардад ва бо таҷдиди сохтории бахши воқеӣ алоқаманд бошад.

Ҷадвали 6.

Дурнамои демография, шуғл ва маориф

	2017	2020	2025	2030
Демография ва шуғл				
Аҳолӣ, млн. нафар	8,95	9,6	10,4	11,5
–ҳиссаи аҳолии шаҳрӣ,%	26,4	27,5	28,8	30,8
–ҳисса аҳолии деҳот,%	73,6	72,5	71,2	69,2
Теъдоди аҳолӣ дар синни қобили корӣ, млн. нафар	5,5	5,8	6,3	6,9
Ҳиссаи шуғл (машғул) дар кишоварзӣ, %	60,9	55- 57	40-45	28-30
Ҳиссаи шуғли ғайрирасмӣ, %	40	37	35	30
Ҳиссаи ашхоси дорои маълумоти касбӣ дар байни аҳолии шуғлдошта	26	30	50	60

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

Зарурати ташаккули салоҳиятҳои устувор ва навовариҳо шарти муҳими таъмини пешрафти воқеӣ ва дарозмуҳлат шуда истодааст. Ҳамзамон сухан на танҳо дар бораи баланд бардоштани дастрасӣ ба таҳсилот ва навовариҳо, балки дар бораи сифати таҳсилот ва натиҷанокии илм меравад.

Ҷадвали 7.

Теъдоди кӯдакони синну соли мактабӣ, ҳазор нафар

	2017	2020-пешгӯи	2025-пешгӯӣ	2030-пешгӯи
Афзоиши талабот ба таҳсилот				
дар синну соли 7-10	840	860,6	942,8	1049,5
дар синну соли 11- 15	842,2	937	1076,7	1183,8
дар синну соли 16-17	341,3	328,7	410,5	427,8
Ҳамагӣ кӯдакону наврасон	2023,5	2126,3	2430	2661,1

Ҳисобҳои муаллифон

Талаботи насли 2030 нисбат ба сармоягузории соҳаи маориф меафзояд. Ҳамзамон бо афзоиши шумораи кӯнакону наврасон ва даромадҳои аҳолӣ талабот ба мактабҳои хусусӣ ва таҳсилоти иловагӣ, ба хизматҳои такмилдиҳандаи шавқу рағбати кӯдакон низ низ меафзояд.

ИНКИШОФИ МИНТАҚАҲО. Рушди минтақаҳои кишвар сатҳи муҳимтарини татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ буда, ҳамчун нуқтаи ниҳоии тамоми кушишҳои қатъии ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок дида баромада мешавад: аз ҷумла, таъмини сатҳи қобили қабули амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди имконоти коммуникатсионии кишвар ва вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул.

Ҷадвали 8.

Ҷанбаҳои минтақавии рушд

Тавсиф	Вазъият (соли 2017)
• Аз рӯйи теъдоди аҳолӣ вилоятҳои аз ҳама бузург Хатлон ва Суғд мебошанд.	**Ҳиссаи минтақаҳои кишвар дар теъдоди умумии аҳолӣ, %** 

• Сатҳи камбизоатӣ дар ВМКБ ва вилояти Хатлон нисбатан баланд аст.	**Сатҳи камбизоатии аҳолӣ,%** 
• Даромад ва фаъолнокии иқтисодӣ дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд нисбатан баланд аст.	**Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ** 
• Фаъолнокии соҳибкорӣ низ дар шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд нисбатан баланд аст.	**Теъдоди соҳибкорон ба ҳисоби 1 ҳаз. нафар аҳолӣ** 

	Шумораи корхонаҳои хурд ба ҳисоби 1 ҳаз. нафар аҳолӣ
	

Сарчашмаҳо: Маҷаллаҳои оморӣ, www.stat.tj,

Дар модели нави рушд аз нигоҳи тавонмандӣ ва имкониятҳои минтақаҳо таваҷҷуҳ ба муассирият ва маҳсулнокӣ зоҳир карда хоҳад шуд.

Афзалиятҳо дар таъмини рушди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон	
то соли 2030	**то соли 2020**
• таъмини мувозинати рушди минтақаҳо бо диққати махсус ба баробаркунии ҳудудии нишондиҳандаҳои заминавии сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар минтақа; • рушди маҷмӯии минтақаҳои деҳот; • урбанизатсия ва мусоидат ба раванди рушди шаҳрҳо, аз ҷумла шаҳрҳои хурд; • ташаккулдиҳии комплексҳои ҳудудию саноатӣ/кластерҳо (ҳудуди индустриализатсия ва ҳамгироии нав, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, маркази навовариҳо) ва рушди долонҳои иқтисодӣ; • тавсеаи фазои бозори меҳнат.	• баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатии маҳаллӣ ва худидораи маҳаллӣ; • фароҳам овардани шароити ҷолиб барои соҳибкорӣ; • рушди маҷмӯии деҳот; • ташаккули асосҳои ниҳодии (институтсионалии) рушди шаҳрҳо; • ташаккули кластерҳои саноатии ҳудудӣ ва ҳудудҳои рушди саноат ҳамчун «қутбҳои афзоиш»-и устувори минтақаҳо.

Сарчашма: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

РУШДИ МИНТАҚАҲОИ АЛОҲИДАИ КИШВАР. Дар доираи миёнамуҳлат Барномаи рушди иҷтимоӣ–иқтисодии вилоятҳои ҷумҳурӣ барои солҳои 2016–2020 дар амал татбиқ мегардад. Яке аз ҳадафҳои асосии ин Барнома рушди соҳибкорӣ; беҳтаргардонии шароит барои инкишоф ва

беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ; такмили идораи танзими фазои соҳибкорӣ ва ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

ШАҲРИ ДУШАНБЕ

Маълумоти умумӣ	• Масоҳат –0,1 ҳаз. км. кв. • Тақсимоти маъмурӣ- 4 ноҳия • Аҳолӣ – қариб 0,9 млн. нафар.
Рушди иқтисоди шаҳр **(миёна дар давоми панҷ соли охир)**	• Рушди миёнасолонаи истеҳсолоти саноатӣ- 4% • Рушди миёнасолонаи гардиши савдои чакана -8,6% • Ҳаҷми миёнасолонаи ба истифода додани хонаҳои истиқоматӣ - 188,6 ҳаз. м. кв.
Нуқтаҳои калидии рушд	• Механизмҳои дастгирӣ (Равзанаи ягона, Фонди дастгирии соҳибкорӣ, ташаккули марказҳои логистикӣ – нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ) • Ташаккули минтақаҳои саноатӣ (махсусан дар ҷануби ғарби шаҳр) • Бизнес – инкубатор • Технопаркҳо
Афзалиятҳои соҳавӣ барои сармоягузорӣ	• Муассисаҳои таҳсилотии хусусӣ • Муассисаҳои табобатии хусусӣ • Истеҳсоли доруворӣ • Технологияҳо дар ташаккули шаҳри Ҳушманд (Smart-City) ва иқтисоди сабз

Шаҳр бо сатҳи нисбатан баланди талабот, рушди инсонӣ ва фаъолнокии соҳибкорӣ тавсиф дода мешавад, ки минбаъд боз меафзояд.

Суръатҳои рушди соҳибкорӣ дар шаҳри Душанбе

1. Сохтори соҳибкорони амалкунанда,%



2. Суръати афзоиши теъдоди соҳибкорони инфиродӣ ба 1 ҳаз. нафар аҳолӣ



3. **Дар доираи Барномаи рушди иҷтимоӣ–иқтисодии шаҳри Душанбе то соли 2025 дар назар дошта шудаст:**

- баланд намудани ҷолибияти шаҳр барои сармоягузорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ;
- инкишофи базаи меъёрию ҳуқукии дастгирии соҳибкорӣ ва ташкили шароит барои баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ;
- ташкили ҳамкориҳои самараноки сохторҳои соҳибкорӣ бо мақомоти давлатии идоракунӣ;
- Мусоидат намудан ба рушди сармоягузории инноватсионӣ, ташкили технопаркҳо ва бизнес – инкубаторҳо.

Заминаҳои калиди барои ташаккули шаҳри Ҳушманд (Smart-City) ва ҷории принсипҳои иқтисодиёти сабз ташкил карда мешаванд.

ВИЛОЯТИ СУҒД.

Маълумоти умумӣ	• Масоҳат – 25,2 ҳаз. км. кв. • Маркази вилоят- Хуҷанд • Тақсимоти маъмурӣ - 8 шаҳр ва 14 ноҳия • Аҳолӣ – беш аз 2,6 млн. нафар.
Рушди иқтисоди шаҳр (миёна дар давоми панҷ соли охир)	• Рушди миёнасолонаи истеҳсолоти саноатӣ- 25,3% • Рушди миёнасолонаи гардиши савдои чакана -8,6% • Ҳаҷми миёнасолонаи ба истифода додани хонаҳои истиқоматӣ - 372,9 ҳаз. м. кв.
Нуқтаҳои калидии рушд	• Минтақаи озоди иқтисодӣ «Суғд» • Шурои машвараті доир ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ • Ташкили минтақаҳои саноатӣ • Бизнес – инкубатор дар Хуҷанд
Афзалиятҳои соҳавӣ барои сармоягузорӣ	• Муассисаҳои таҳсилотии хусусӣ • Кишоварзӣ ва коркард • Муассисаҳои табобатии хусусӣ • Саноати нассоҷию дӯзандагӣ

Вилоят бо сатҳи баланди талабот ва фаъолнокии соҳибкорӣ тавсиф дода мешавад.

Суръатҳои рушди соҳибкорӣ дар вилояти Суғд

1. Сохтори соҳибкорони амалкунанда,%



2.Суръати афзоиши теъдоди соҳибкорони инфиродӣ ба 1 ҳаз. нафар аҳолӣ



3.Дар доираи Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодиии вилояти Суғд дар солҳои 2016–2020 дар назар аст:

- дастгирии инкишофи минтақаи озоди иқтисодии Суғд (бо таъмини шохаи роҳи оҳан);
- рушди зерсохтори пуктҳои сарҳадӣ–гузаргоҳӣ бо давлатҳои ҳамсоя (бо таъмини бунёди марказҳои нақлиётӣ-логистӣ ва сарҳадӣ);
- дастгирии саноати истихроҷ ва истеҳсолоти металлургӣ;
- мусоидат ба амалишавии иқтидорҳои саноатӣ ва кишоварзии вилоят;
- бунёди шаҳрчаҳо, аз ҷумла Саразм, Меҳробод, Моҳпарӣ, Сайҳун.

ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.

Маълумоти умумӣ	• Масоҳат –24,7 ҳаз. км. кв. • Маркази вилоят- Бохтар • Тақсимоти маъмурӣ - 4 шаҳр ва 24 ноҳия • Аҳолӣ – беш аз 3,2 млн. нафар
Рушди иқтисоди шаҳр (миёна дар давоми панҷ соли охир)	• Рушди миёнасолонаи истеҳсолоти саноатӣ- 12,2% • Рушди миёнасолонаи гардиши савдои чакана -8,6% • Ҳаҷми миёнасолонаи ба истифода додани хонаҳои истиқоматӣ - 332,2 ҳаз. м. кв.
Нуқтаҳои калидии рушд	• Минтақаҳои озоди иқтисодӣ - «Данғара» ва «Панҷ» • Шурои машвараті доир ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ • Ташкили минтақаҳои саноатӣ • Бизнес – инкубатор дар Бохтар • Саноати нассоҷию дӯзандагӣ
Афзалиятҳои соҳавӣ барои сармоягузорӣ	• Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ • Кишоварзӣ ва коркард • Саноати химиявӣ • Истеҳсоли либос

Амалишавии лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ, афзоиши неруи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва марказҳои фаъолнокии иқтисодӣ боиси рушди фаъолнокии сармоягузорию сармоягузорӣ мегардад.

Суръатҳои рушди соҳибкорӣ дар вилояти Хатлон

1. Сохтори соҳибкорони амалкунанда,%



2.Суръати афзоиши теъдоди соҳибкорони инфиродӣ ба 1 ҳаз. нафар аҳолӣ



3.**Дар доираи Барномаи рушди иҷтимоӣ–иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016 –2020 баъзе мисолҳо (дар соҳаҳои фаъолияти мавриди назар) нишон дода шудааст:**

– дар соҳаи кишоварзии вилоят–бунёди фабрика барои 100 ҳазор сар паранда дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷайхун, Темурмалик, Фархор, Восе ва шаҳри Кӯлоб. Зиёд намудани масоҳати ҳавзҳои моҳипарварӣ (100 гектар) ва хӯрокворӣ барои моҳиён (200 гектар дар шаҳру ноҳияҳои Ҷайҳун, Панҷ, Вахш, Бохтар, Восеъ, Фархор, Қубодиён, Шаҳритӯс, Кӯлоб ва таъмини хоҷагиҳои моҳипарварӣ бо моҳичаҳои хушсифат. Таъмини асалпарварон бо оилаҳои маҳсулнокиашон баланди занбӯри асал;

–дар соҳаи саноат–барқарорсозии фаъолияти истеҳсолии Чамъияти саҳомии «Тарансформатор» дар шаҳри Бохтар (Қӯрғонтеппа) бо иқтидори 3 ҳазор трансформатор дар як сол. Эҳёи иқтидори истеҳсолии Корхонаи нафту битуми ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо 90 ҷойи кор. Бунёди сехҳо ва корхонаҳо доир ба истеҳсоли хишт, семент, пойафзор, коркарди пашм, пӯст, истеҳсоли калоба, матоъ, маснуоти дӯзандагӣ, атлас, адрас, ресмони шоҳии хом, коркарди меваҷот, сабзавот, тавлиди шарбатҳо, қанд, шароб, равғани рустанӣ ва ғайра;

– дар соҳаи туризм–бунёди меҳмонхонаи типи «Хоумстей» ва «Гестхаус» ва базаҳои сайёҳӣ дар мавзеъҳои кӯҳистони Сари Хосори ноҳияи Балҷувон ва Чилдухтарони ноҳияи Муъминобод ва ғайра.

ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮХИСТОНИ БАДАХШОН

Маълумоти умумӣ	• Масоҳат –62,9 ҳаз. км. кв. • Маркази вилоят- Хоруғ • Тақсимоти маъмурӣ - 1 шаҳр ва 7 ноҳия • Аҳолӣ – беш аз 0,23 млн. нафа
Рушди иқтисоди шаҳр (миёна дар давоми панҷ соли охир)	• Рушди миёнасолонаи истеҳсолоти саноатӣ- 11,7% • Рушди миёнасолонаи гардиши савдои чакана -8,6% • Ҳаҷми миёнасолонаи ба истифода додани хонаҳои истиқоматӣ – 40,3 ҳаз. м. кв.
Нуқтаҳои калидии рушд	• Минтақа озоди иқтисодӣ - «Ишқошим» • Шурои машвараті доир ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ • Бизнес – инкубатор дар Хоруғ
Афзалиятҳои соҳавӣ барои сармоягузорӣ	• Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ • Кишоварзӣ ва коркард • Сайёҳӣ

Амалишавии лоиҳаҳои калони инфрасохторӣ, афзоиши неруи минтақаи озоди иқтисодӣ ва марказҳои савдои наздисарҳадӣ боиси рушди фаъолнокии сармоягузорию сармоягузорӣ мегардад

Суръатҳои рушди соҳибкорӣ дар Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон

1. Сохтори соҳибкорони амалкунанда,%



2. Суръати афзоиши теъдоди соҳибкорони инфиродӣ ба 1 ҳаз. нафар аҳолӣ



3. **Дар доираи Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодиии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар солҳои 2016 –2020 чунин корҳо мадди назар аст**:

- дастгирии бунёди истеҳсолот ҷиҳати таъмини истифодаи самараноки иқтидори табиӣ ва захиравии вилоят, аз ҷумла захираҳои хеле бузурги канданиҳои фоиданок (сангҳои қиматбаҳо, нуқра, тилло, симоб ва ғайра),
- ҷамъоварӣ ва коркарди 250 навъи растаниҳои шифобахш,
- истеҳсоли маҳсулоти худии чорводорӣ (аз ҷумла қутоспарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, моҳипарварӣ, парандапарварӣ),
- захираҳои азими обҳои ошомиданӣ ва шифоӣ, захираҳо барои ҷалби сайёҳон, иқтидорҳои гидроэнергетикӣ ва имкони бунёди даҳлезҳои байналмилалии нақлиёт, ки дар оянда барои рушди иқтисодиёти вилоят имконият фароҳам меоваранд;
- мусоидат ба рушди савдои хориҷӣ–таъмини фаъолияти мунтазами бозорҳои наздисарҳадӣ, ба мисли Рӯзвай (ноҳияи Дарвоз), Хомроғӣ (ноҳияи Ванҷ), Тэм (шаҳри Хоруғ) ва Ишкошим (ноҳияи Ишкошим) дар байни вилоятҳои ҳамсарҳади Афғонистон, инчунин, бунёди боз 4 бозори наздисарҳадӣ (Лангар, Гунчбой, Қулма, Қарасу);
- мустаҳкамсозии зерсохтори сайёҳии вилоят.

Дар айни замон, ҳар як шаҳр ва ноҳияи ҷумҳурӣ барномаи миёнамуҳлати рушд доранд, ки таваҷҷуҳро ба дастгирии рушди соҳибкорӣ таъмин менамоянд.

БИЗНЕС- ИНКУБАТОРҲО. Дар назар аст, ки дар давоми соли 2019 марказҳои рушди соҳибкорӣ дар асоси бизнес– инкубаторҳо дар марказҳои калони кишвар–Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Хоруғ ташаккул

меёбанд, ки дар онҳо фаъолгардонии дастгирии иттилоотӣ, маслиҳатӣ, таҳсилотӣ ва методии соҳибкорон таъмин мегардад. Шаклҳои асосии фаъолият–семинарҳои омӯзишӣ, пешниҳоди маслиҳатҳои касбии инфиродӣ, шиносоӣ бо таҷрибаю сабақҳои андӯхтшуда мебошанд.

Вазифаҳои асосии бизнес - инкубаторҳо аз инҳо иборат мебошанд:

- ташкили хизматрасонии босифат ва касбӣ ба субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи навтаъсис дар ҳама марҳилаҳои фаъолияташон тавассути дастгирии методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ, омӯзишӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамчунин рушди ҳамкорӣ байни субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна;
- ба иҷора додани биноҳо ба субъектҳои соҳибкорҳ бо шартҳои имтиёзнок;
- баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва маърифатнокии ҳуқуқии соҳибкорони хурд ва миёна;
- ташкили ҳамкории субъектҳои соҳибкории хурду миёна бо мақомоти давлатӣ;
- муайян ва ҳал кардани масъалаҳои ба миёномада дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;
- додани маслиҳатҳо оид ба масъалаҳои андозбандӣ;
- хизматрасонӣ доир ба тартиб додани ҳисоботи муҳосибӣ ва андозӣ;
- хизматрасонии таълимӣ оид ба таҳияи барномаи рушди тиҷорати соҳибкори навтаъсис;
- амалӣ намудани дигар вазифаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

Сарчашма: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (дар таҳрияи Қонуни ҶТ аз 18.03.2015.№ 1194, аз 30.05.2017.№1436

Баъзе шаклҳои таҳсилотии дастгирии соҳибкорӣ дар доираи бизнес – инкубаторҳо	
Семирҳои омӯзишӣ/ Тренингҳо	• Идораи навъвариҳо • Буҷетикунонӣ • Таҳлили хароҷот- ҳаҷмҳои фоида • Менеҷменти кишоварзӣ • Идораи андозҳо • Маркетинг
Машваратҳои инфиродӣ	• Идоракунӣ • Молия • Маркетинг • Андозбандӣ
Машваратҳои устодӣ	• Бизнес – стратегияҳои муваффақ • Дастаи раҳнамоиҳо оид ба ташкил ва пешбурди соҳибкорӣ, шакл ва андозаҳо • Шаклҳои электронии тиҷорату ҳамкориҳо

1.3. Арзёбии ниҳодии (институтсионалии) фаъолияти механизмҳои рушди таҳкими соҳибкории хурд ва миёна (аз ҷумла бо зикри кумаки берунӣ/донорӣ доир ба мусоидат ба рушди соҳибкорӣ)

Тоҷикистон дар самти рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ тадбирҳои ҷиддӣ меандешад. Дар айни замон, якчанд механизмҳо роҳандозӣ шудаанд, ки ба муттаҳидсозии амал дар ҷодаи таҳкими тавонмандии бахши хусусӣ равона шудаанд. Аз ҷумлаи онҳо:

- ДАР САТҲИ МИЛЛӢ:

• асоси меъёрии ҳуқуқӣ таъсис ёфта, амал мекунад, ки фаъолнокии соҳибкорӣ ва сармоягузориро танзим менамояд;
• сохторҳои маъмурӣ таъсис ёфта, амал мекунанд, ки бевосита дар раванди танзими фаъолнокии соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ ширкат меварзанд, ки Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Кумитаи андоз, Вазоратҳои соҳавӣ ва кумитаҳо, Агентии содирот назди Ҳукумати ҶТ аз ҷумлаи онҳо мебошанд;
• механизми миллии ҳамоҳангсозӣ таъсис ёфта, амал мекунад, ки бо таъсиси формати машвараті дар доираи Шӯрои миллии рушд дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст ва стратегияи умумии ислоҳот (аз ҷумла доир ба беҳбуди фаъолнокии сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ)-ро муайян менамояд ва ба ҳадафи таъмини ҳамкории мутақобила байни мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар бобати амалисозии санадҳои стратегӣ таъсис ёфтааст;
• механизми миллии машвараті таъсис ёфта, амал мекунад, ки бо таъсиси Шӯрои машвараті доир ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2007) алоқаманд аст ва дар асоси шарикии давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаи кумакрасон таъсис ёфта, ҳадафаш роҳандозии муколамаи созанда байни давлат ва соҳибкорӣ, фаъол кардани кори сохторҳои давлатӣ доир ба беҳбуди фазои соҳибкорӣ, ҷалби сармоя ба иқтисод, пешбурди сиёсати давлатии мураттаб ва ҳамоҳангшуда дар соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ мебошад;
• механизми таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар доираи Барномаи давлатии сармоягузорӣ ташаккул ёфта, амал мекунад, ки воситаи муҳими ҳаллу фасли масъалаҳои зерсохтор ва беҳбуди тавонмандии соҳибкорӣ, аз ҷумла дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад;
• бо мақсади ташаккули раддабандии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои корӣ бо агентиҳои рейтингии «Standard & Poor's» ва «Moody's» ташкил шудаст. Агентии Moody's ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи «B3, устувор (B3, Outlook Stable)»-ро гузошт. Чунин арзёбиҳои рейтингӣ барои сармоягузорони имконпазир хеле муфид ҳастанд, зеро ки ба онҳо имкониятҳои тақозо намудани таҳдидҳои имконпазир бо стратегияҳои худии сармоягузориро пешниҳод менамоянд.

Кумаки беруна барои рушди кишвар. Аз рӯйи ифодаи мутлақи миёнасолона, дар давраи солҳои 2010–2017 кумаки расмӣ ба кишвар ба мақсади рушд 545 млн.доллари амрикоиро ташкил додааст. Ин маблағ тақрибан ба 8% маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар (ММД) баробар аст. Ҳиссаи бештар ба Ҷумҳурии Мардумии Чин тааллуқ дорад (бештар аз 45%, якҷо бо Эксимбонк).

Ҳиссаи бештари кумак ба бахшҳои зерсохторӣ–нақлиёт ва энергетика (48%) равона карда шудааст, ки барои фаъолнокии соҳибкорӣ шароити заруриро фароҳам меоварад.

Ҷадвали 9.

Сохтори тақсими кумаки беруна аз рӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ

	Ҳисса дар ҳаҷми умумии кумаки берунӣ дар солҳои 2010–2017	**Таносуб аз рӯйи гурӯҳи ниҳодҳо/созмонҳои байналмилалӣ** (ҳаҷми умумии кумаки берунӣ барои рушд =100%)		
		дуҷониба	бисёрҷониба	ТҒҲ
Нақлиёт	27,2	65,9	33,2	0,9
Энергетика	20,8	73,0	26,8	0,2
Кишоварзӣ ва обёрӣ	9,4	40,8	56,1	3,1
Тандурустӣ	9,1	44,5	52,0	3,6
Идораи давлатӣ	8,4	23,1	75,9	1,0
Маориф	7,0	35,1	40,3	24,6
Таъминоти иҷтимоӣ ва шуғл	5,3	61,7	34,1	4,3
Обрасонӣ,беҳдошт ва хоҷагии манзил	4,4	50,4	47,9	1,8
Муҳити зист	3,0	42,0	53,6	4,4
Бахшҳои гуногун	3,0	66,5	20,2	13,3
Бахши хусусӣ ва саноат	2,4	79,8	15,7	4,5
Ҳамагӣ	100,0			

Сарчашма: Кумаки беруна барои рушд (базаи электронии иттилоотӣ)

Дастгирии лоиҳавии мусоидат ба рушди бахши хусусӣ ва саноат ба андозаи зиёд бо амалисозии маҷмӯи тадбирҳо оид ба таҳкими тавонмандии миллӣ/маҳаллӣ барои дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, беҳбуди фазои сармоягузорӣ ва хизматрасонӣ доир ба рушд ва дастгирии соҳибкорӣ, рушди маблағгузории хурд, таҳкими низоми бонкӣ ва рушди сайёҳӣ алоқаманд аст.

Ҷадвали 10

Мисолҳои самтгирии кумаки беруна дар доираи дастгирии соҳибкорӣ

	Самтгирии дастгирии лоиҳавӣ	**Лоиҳаҳои нисбатан калон**	**Муддати амали лоиҳа**	**Ҳаҷми маблағгузорӣ бо млн. долл. ИМА**
1.	**Дастрасӣ ба маблағгузорӣ**	Дастрасӣ ба маблағгузории сабз	01/09/2014 - 31/12/2018	9,4
2.	**Мусоидат ба рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар**	Ташаккули устуворӣ ба тағйирёбии иқлим дар ҳавзаи дарёи Панҷ (Компоненти 4)	01/09/2015 - 31/12/2019	3,2
		Инкишофи рушди маҳаллӣ, махсусан минтақаҳои кӯҳсор	01/08/2016 - 01/07/2019	2,2
3.	**Мусоидат ба баланд шудани неруи бахши хусусӣ**	Баланд намудани рақобатнокии бахши хусусӣ	07/09/2012 - 31/12/2019	6,7
		Тиҷоратисозии соҳаи кишоварзӣ	10/06/2014 – 30/06/2022	25,9
		Ташаккули робитаҳои устувор дар байни муассисаҳои тиҷоратии миёнарав ва баланд намудани қобилияти рақобатнокии онҳо	01/03/2017 - 29/02/2020	0,04
		Дастгирии ҳамкориҳо ва амалишавии имкониятҳо дар рушди иқтисодии минтақа (SCORED)	12/07/2017 - 12/07/2022	0,04
4.	**Мусоидат ба рушди савдо**	Дастгирии рушди тиҷорат дар Осиёи Марказӣ: дастгирии рушди иқтисодӣ дар қад-қади долонҳои савдоӣ (Компоненти II)	01/08/2009 - 30/06/2022	4, 0

Сарчашма: Кумаки беруна барои рушд (базаи электронии иттилоотӣ)

Бештар аз 90% ҳаҷми маблағгузории берунӣ барои дастгирии рушди бахши хусусӣ ба 7 манбаъ рост меояд.

Ҷадвали 11

Мисолҳои лоиҳаҳои нисбатан калон, ки аз тарафи шарикони рушд дар Тоҷикистон амалӣ мекунанд

		Ҳаҷми маблағгузорӣ	Лоиҳаҳои нисбатан калон	Муддати иҷро
1	Ҳукумати Ҷумҳурии Федеролии Олмон	34,0	Барнома доир ба рушди бахши хусусӣ (FFPSD);	01/01/2011 - 30/09/2016
			Барномаи рушди низоми молиявӣ дар минтақаҳои деҳот	19/05/2010 - 19/08/2013
2	Бонки Ҷаҳонӣ	34,2	Баланд намудани рақобатнокии бахши хусусӣ	07/09/2012 - 31/12/2019
			Тиҷоратисозии соҳаи кишоварзӣ	10/06/2014 – 30/06/2022
3	Вазорати рушди байналмилалии Британияи Кабир	31,1	Барнома доир ба рушди бахши хусусӣ (FFPSD);	01/01/2011 - 30/09/2016
			Лоиҳа доир ба беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар Тоҷикистон	01/07/2012 - 31/03/2018
4	Иттиҳоди Аврупо	16,1	Ҳиссаи Иттиҳоди Аврупо дар барномаи кумаки молиявӣ ба соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар солҳои 2010–2012	15/02/2010 - 15/02/2013
			“CANDY – IV” Барномаи такмилдодашудаи дастгирии муассисаҳои тиҷоратии миёнарав – хизматҳои махсуси ба содирот нигаронидашудаи соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои коркард	21/12/2016 - 20/12/2019
5	Бонки Осиёгии Рушд	13,50	Лоиҳаи «Дастрасӣ ба маблағгузории «сабз»	01/09/2014 - 31/12/2018
			Ташаккули устуворӣ ба тағйири иқлим дар ҳавзаи дарёи Панҷ (Компоненти 4)	01/09/2015 - 31/12/2019

6.	Ҳукумати Швейтсария	4,5	Лоиҳаи беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ дар Тоҷикистон	01/07/2012 - 31/03/2018
			Лоиҳаи IFC доир ба маъмурикунонии андоз дар Осиёи Марказӣ	20/10/2012 - 31/12/2017
7.	Ҳукумати Финляндия	3,8	Дастгирии рушди савдо дар Осиёи Марказӣ: дастгирии рушди иқтисодӣ дар қад-қади долонҳои тиҷоратӣ (Компоненти II)	01/08/2009 - 30/06/2022

Дар давраи солҳои 2010–2017 қисми бештари (78%) маблағи донорҳои берунӣ барои рушди бахши хусусӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ азхуд карда шудааст ва асосан бо мусоидат ба таҳкими тавонмандии миллӣ алоқаманд будааст.

Дар модели рушди ҳамкориҳо махсусан мухим аст, ки – ҷамъварӣ ва паҳни донишу малакаи амалӣ, истифодаи механизмҳои самараноки мубодилаи донишҳо доир ба васеъ намудани шуғли истеҳсолӣ бо таваҷҷуҳ ба ташкили ҷойҳои корӣ ба воситаи шарикияти давлат ва бахши хусусӣ ва таҳсилоти касбӣ – техникӣ; таъмини саҳми инфрасохтор, махсусан низоми хатҳои нақлиётию энергетикӣ ба коҳиши камбизоатӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ; тақвияти низоми молиявӣ, рушди бозори сармоя ва баланд намудани устувории низоми бонкӣ; инкишофи гуногунсамтии рушди иқтисод; афзун намудани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ва таъмини амнияти озуқаворӣ; ташаккули сиёсати пешгирикунанда дар асоси низоми коркард, таҳия ва истифодаи маводҳои муосири таҳлилӣ таъмин гардад.

- ДАР САТҲИ МИНТАҚАВӢ:

• Шӯрои машваратӣ доир ба беҳбуди фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар ҳар як вилояти ҷумҳурӣ т*аъсис ёфта, фаъолият мекунад.* Шӯрои мазкур дар назди Раиси вилоят –дар вилоятҳои Суғду Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва раисони баъзе шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла Рашт, Восеъ, Темурмалик, Панҷакент, Исфара, Истарафшан ташаккул ёфтанд.
• Чаҳор минтақаи озоди иқтисодӣ ташкил шуда, амал менамояд:– «Суғд» (дар вилояти Суғд), «Данғара» (дар вилояти Хатлон), «Панҷ» (дар вилояти Хатлон), «Ишкошим» (дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон).

	Ҷойгиршавӣ	Фосила то маркази вилоят , км	Масоҳати умумӣ, га	Муддати фаъолият, сол	Сатҳи андозҳои амалкунанда
МОИ «Суғд»	ш.Хуҷанд, минтакаи ҷануби ғарбии ОАО "ПМК”	-	320	50	- андози иҷтимоӣ – 25% - андоз аз даромади шахсони воқеӣ - 8 - 13%
МОИ «Данғара»	Вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, Меҳвар, деҳоти Лоҳур	80	400		
МОИ «Панҷ»	Вилояти Хатлон, ноҳияи Ҷайхун (Қумсангир), мавзеи Қародум	85	520		
МОИ «Ишқошим»	Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, ноҳияи Ишкошим	105	200		

Дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ режими махсуси ҳуқуқӣ барқарор шудааст, ки режимҳои махсуси андоз ва гумрукиро фаро мегирад.

Натиҷаҳои соли 2018	МОИ «Суғд»	МОИ «Данғара»	МОИ «Панҷ»	МОИ «Ишкошим»
1. Теъдоди субъектҳо, аз ҷумла: – истеҳсолӣ – хизматрасонӣ	24 20 4	27 21 6	17 13 14	3 1 2
2. Миқдори корхонаҳои саноатӣ	12	7	3	-
3.Ҳисса дар истеҳсолоти саноатии минтақаҳои озоди иқтисодӣ	81,4	18,5	0,2	0…

- *Арзёбии самаранокии фаъолияти роҳбарони мақомоти ҳокимияти иҷроия дар асоси таъсиси ҷойҳои корӣ аз ҳисоби сармоягузории ҷалбшуда анҷом мегирад.*

- *Марказҳои дастгирии соҳибкорӣ дар формати бизнес–инкубаторҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд, Хоруғ таъсис дода мешавад.*

➢ ИНФРАСОХТОРИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

• *Дар самти иқтисоди рақамӣ* Дар ҷумҳурӣ низомҳои иттилоотии рақамӣ ташаккул ёфтанд, ки имконияти истифодаи технологияҳои электрониро барои соҳибкорон пешниҳод менамояд, аз ҷумла дар бахши хариди давлатӣ — «Хариди электронии молу масулот» (zakupki.gov.tj) ва андозбандӣ — «Андоз» (http://andoz.tj). Ҳамзамон базаи иттилооти ҳуқуқӣ "АДЛИЯ" фаъолият менамояд.
• *Ба инкишофи нақлиёт аҳамияту афзалият дода мешавад. Амалиётҳо дар комплекси нақлиёт бештар бо чунин самтҳо пайваст ҳастанд* – сохтмон ва таҷдиди инфрасохтори нақлиётӣ; ташкили долонҳои нақлиётии транзитӣ; рушди таъминоти нақлиётии минтақаҳои саноатии кишвар, пеш аз хама, дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории аҳамияти умумиҷумҳурӣ дошта; инкишофи соҳаи нақлиёт, ки ба ташкили ҷойҳои корӣ, баланд намудани самаранокии бахшҳои иқтисод ва сифати зиндагонии аҳолӣ мусоидат менамояд; таъмини фаъолияти самараноки нақлиёт ва низоми инфрасохтори нақлиётӣ, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар такон мебахшад. Дар раванди содирот ва воридоти маҳсулот, дар маҷмӯъ, бештар нақлиёти роҳи оҳан истифода бурда мешавад – беш аз 90% содирот ва воридоти борҳо, аз ҷумла маҳсулоти сохтмонӣ, нахи пахта, гандум ва семент бо нақлиёти мазкур кашонида мешавад. Барои боркашонии дохилӣ нисбатан бештар нақлиёти автомобилӣ истифода мешавад.
• Ду барномаи инкубатсионӣ (акселератсионӣ)–55 Startups ва Public Fund Accelerate Prosperity таъсис ёфта, амал мекунанд. - *Бизнес-инкубатор 55 Startups* дар соли 2017 таъсис ёфта, дар шаҳри Душанбе қарор дорад ва дар доираи ширкати 55Group фаъолият мекунад. Ҳадафи 55Startups рушд ва густариши соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз ҳудуди он мебошад. Давомнокии барномаи инкубатсионӣ дар 55Startups се моҳи тақвимӣ мебошад. Ҳар сол се барнома таҳия мегардад. Дар доираи як барнома бо 3–4 лоиҳа ба кор бурда мешавад. - *Accelerate Prosperity–фонди нави глобалии Шабакаҳои Оғохон доир ба рушд (АКДН)* мебошад, ки дар шаҳрҳои Душанбе ва Хоруғ қарор дорад ва ҳадафи он таъсиси муассисаҳои устувор аз тариқи бизнес–инкубатсия, суръатбахшӣ ба рушди соҳибкорӣ ва хизматрасонии сармоягузорӣ барои ширкатҳои навкор (стартапҳо) ва муассисаҳои мавҷуда мебошад. Ин фонд пешбурд ва дастгирии стартапҳо, муассисаҳои хеле хурд, хурд ва миёнаро дар марҳалаи ибтидоии рушд амалӣ месозад.
• *Тарҳи «Стартап Чойхона» таъсис ёфта, амалӣ мешавад* (дар ин доиҳа таваҷҷуҳ ба ҷалби ҷавонон ба раванди рушд зоҳир карда

мешавад). Ширкатҳои ҷавони ояндадор, ки дар ин барнома иштирок мекунанд, намояндагони соҳаҳои гуногуни иқтисод, монанди маҳсулоти бофандагӣ, косибӣ, кулолгарӣ, коркарди дубораи пластика, энергетика ва ғайра мебошанд. Лоиҳаи «Стартап Чойхона» моҳи ноябри соли 2016 ба сифати ташаббуси якҷоя созмонҳои СММ ва шарикони давлатӣ, ғайридавлатӣ ва бахши хусусӣ таъсис ёфт.

- *Иттиҳодияҳои соҳибкорон таъсис ёфта, амал мекунанд, ки дар доираи он* Иттиҳодияи миллии соҳибкории хурд ва миёна, Иттиҳодияи миллии занони соҳибкори Тоҷикистон, Иттиҳодияи миллии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бо шуъбаҳои дахлдори худ дар минтақаҳои кишвар фаъолият мекунанд. Самти асосии фаъолияти ин иттиҳодияҳо мусоидат ба рушди тавонмандии иқтисодӣ ва дастгирии соҳибкорӣ; рушди малакаҳои бозорӣ тавассути омӯзиш (баргузории курсҳои кутоҳмуҳлати банақшагирии бизнес ва асосҳои соҳибкории муваффақ, баргузории курсҳои касбӣ–техникӣ; арзёбӣ ва тадқиқот дар соҳаи механизмҳои меъёрии ҳуқуқии танзими соҳибкорӣ, созмондиҳӣ ва рушди соҳибкорӣ мебошад.

ДАСТРАСӢ БА МАБЛАҒГУЗОРИИ СОҲИБКОРӢ

- Низоми бонкҳои тиҷоратӣ ва созмонҳои қарздиҳии хурд фаъолият мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то 31 декабри соли 2018-ум 79 созмони қарздиҳӣ, аз ҷумла 17 бонк, 25 ташкилоти қарздиҳии хурди депозитӣ, 6 созмони қарздиҳии хурд ва 31 фонди қарздиҳии хурд амал мекунанд. Дар давоми панҷ соли охир аз тарафи бонкҳои тиҷоратӣ ва созмонҳои қарздиҳӣ ба маблағи 49 миллиард сомонӣ кредит ҷудо карда шудааст, ки 27 миллиард сомонӣ, яъне 55% ба соҳибкории соҳаи саноат рост меояд.

- Низоми ҷудо кардани маблағи буҷавӣ дар доираи дастгирии давлатии бахши хусусӣ ва рушди соҳибкории хурд ва миёна амал мекунад, ки дар доираи он:

  - фонди дастгирии соҳибкорӣ таъсис ёфта, амал мекунад, ки вазифаи он бо маблағгузории/қарздиҳии соҳибкории хурд, махсусан дар соҳаи истеҳсолот алоқаманд аст. Дар соли 2018 барои фонд 370 миллион сомонӣ ҷудо карда шуд;

  -барномаи бурсияҳо (грантҳо) оид ба дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2016–2020 амалӣ мешавад. Дар соли 2018 барои ин барнома 8 миллион сомонӣ ҷудо карда шуда буд.

БАХШИ 2 ТАЪСИСИ МУАССИСАИ НАВ

2.1. Бақайдгирии муассиса (хизматрасонии давлатӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ ба воситаи марказҳои "равзанаи ягона", шароити кор, киро кардани кормандон)

Бақайдгирии давлатии ашхоси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз тарафи мақоме, ки бақайдгирии давлатиро аз рӯйи усули "Равзанаи ягона" анҷом медиҳад, амалӣ мешавад. Пас аз бақайдгирӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ, дар маҳалли ҷойгиршавии (суроғаи) субъект Рақами мушаххаси ягона дода мешавад, ки барои ҳар шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ягона мебошад. Мақоми анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ Мақоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои бақайдгирии ашхоси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои ашхоси ҳуқуқии хориҷӣ боҷи давлатӣ ситонида мешавад.

Қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои зерини созмондиҳӣ-ҳуқуқии пешбурди фаъолияти соҳибкориро пешбинӣ менамояд:

1. Соҳибкори инфиродӣ, ки дар асоси Патент амал мекунад;
2. Соҳибкори инфиродӣ, ки дар асоси Гувоҳнома амал мекунад;
3. Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ);
4. Шахси ҳуқуқӣ.

Тавсифи асосии навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ				
	1. Соҳибкори инфиродӣ, ки дар асоси Патент амал мекунад;	2. Соҳибкори инфиродӣ, ки дар асоси Гувоҳнома амал мекунад;	3.Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)	4.Шахси ҳуқуқӣ
Шакли созмондиҳӣ - ҳуқуқӣ	Шахси воқеӣ	Шахси воқеӣ	Шахси воқеӣ / шахси ҳуқуқӣ (бақайдгирӣ ба шакли шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ имкон дорад)	Шахси ҳуқуқӣ
Режими ҷоизи андоз	Режими андозбандии ашхоси воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси Патент анҷом медиҳанд	Режими андозбандии ашхоси воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро ба асоси Гувоҳнома анҷом медиҳанд	Режими содашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона)	Режими содашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд ё Режими умумии андозбандӣ

Маҳдудиятаз рӯйи маҷмӯи даромад	То 100 ҳазор сомонӣ *(агар маҷмӯи даромад тайи як соли тақвимӣ аз 100 000 сомонӣ зиёд бошад, он гоҳ соҳибкор вазифадор аст, ки дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ аризаро дар бораи қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси асоси Патент пешниҳод намояд)*	То 1 000 000 сомонӣ тайи як соли тақвимӣ *(агар маҷмӯи даромад тайи як соли тақвимӣ аз 1 млн. сомонӣ бештар бошад, он гоҳ соҳибкор вазифадор аст, ки фаъолияти соҳибкориро аз якуми январи соли оянда қатъ намояд)*	Монанди ҳамин барои соҳибкори инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ, ки ба асоси Гувоҳнома амал мекунанд.	Маҳдудият вуҷуд надорад.
Маҳдудиятҳои дигар	– 49 навъи фаъолият иҷозат дода шудааст; –аз рӯйи андозаи масоҳати савдо (то 20 метри мураббаъ) маҳдудият вуҷуд дорад; –киро кардани кормандон манъ аст; –фаъолияти иқтисодии берунӣ манъ аст.	Истеҳсоли маҳсулоти аксиздор манъ аст. Фаъолияти иқтисодии берунӣ манъ аст, ба истиснои бурдан ё овардани амволи серистеъмол то 1 млн. сомонӣ.	Монанди ҳамин барои соҳибкорони инфиродӣ ё шахси ҳуқуқӣ, ки дар асоси Гувоҳнома амал мекунанд. Дар ин маврид замин бояд воситаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ бошад.	Маҳдудият нест
Бақайдгирӣ				
Мақоми бақайдгирӣ	Бозрасии андоз дар маҳали фаъолияти соҳибкорӣ	Равзанаи ягона		
Фехристи санадҳои зарурӣ	• ариза;			
	• нусхаи санаде, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад, ҳамчунин ду сурати андозаи 4х6;			• қарори муассис (протоколи маҷлиси муассисон)
	• нусхаи иҷозатнома, ки ба шахси ҳуқуқии хориҷӣ дода шудааст (раводид, харитаи бақайдгирӣ, санади истиқомат бо муҳлати эътибори на камтар аз шаш моҳ);			• нусхаи санади роҳбар;

	• нусхаи санади тасдиқкунандаи маҳали ҷойгиршавии (суроғаи) фаъолияти соҳибкории шахси воқеӣ;		• нусхаи гувоҳномаи (сертификати) ҳуқуқи истифодабарии замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин, рӯйихати аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ); рақами мушаххаси андозсупоранда барои ҳар кадоми онҳо.	• нусхаи санади муассис;
	• расид (квитансия) дар бораи пардохти боҷи давлатӣ ва расид дар бораи пешпардохти арзиши Патент тайи шумораи муайяни моҳҳо;	• расид дар бораи пардохти боҷи давлатӣ	• нусхаи санади тасдиккунандаи маҳали ҷойгиршавии (суроғаи) фаъолияти соҳибкории шахси воқеӣ;	• нусхаи санад дар бораи бақайдгирии давлатӣ, агар муассис шахси ҳуқуқии хориҷӣ бошад;
	–	–	• расид дар бораи пардохти боҷи давлатӣ;	• хулосаи мақоми дахлдор, дар сурати бақайдгирии воситаи ахбори умум;
	–	–	–	• расид дар бораи пардохти боҷи давлатӣ;
	–	–	–	• нусхаи санади тасдиккунанда и маҳали ҷойгиршавии (суроғаи) фаъолияти соҳибкории шахси ҳуқуқӣ;

Арзиши бақайдгирӣ	**55 сомонӣ** (1 нишондиҳанда барои ҳисоб =1 Х 55 сомонӣ)	**110 сомонӣ** (2 нишондиҳанда барои ҳисоб =2 Х 55 сомонӣ)	**Барои шахси воқеӣ 110 сомонӣ** (2 нишондиҳанда барои ҳисоб =2 Х 55 сомонӣ). **Барои шахси ҳуқуқӣ 1485** сомонӣ: 1375сомонӣ (25 нишондиҳанда барои ҳисоб =25 Х 55 сомонӣ) ҷиҳати бақайдгирӣ, 110 сомонӣ (2 нишондиҳанда барои ҳисоб =2 Х 55) ҷиҳати нусхабардорӣ аз дафтари қайд (Реестр)	**1485 сомонӣ:** 1375сомонӣ (25 нишондиҳанда барои ҳисоб =25 Х 55 сомонӣ) ҷиҳати бақайдгирӣ, 110 сомонӣ (2 нишондиҳанда барои ҳисоб =2 Х 55) ҷиҳати нусхабардорӣ аз дафтари қайд (Реестр)
Муҳлати бақайдгирӣ	3 рӯзи корӣ	3 рӯзи корӣ	3–5 рӯзи корӣ	5 рӯзи корӣ

Фаъолияти соҳибкориро ба сифати шахси ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон метавон ба асоси ҷамъияти саҳомӣ, ҳамчунин Ҷамъияти масъулияташ маҳдуд (ҶММ) роҳандозӣ кард. Муассисони ҷамъияти саҳомӣ метавонанд ашхоси воқеӣ ё ҳуқуқӣ бошанд, ки қарорро дар бораи таъсиси он ва тасдиқи низомнома қабул мекунанд. Ҷамъияти саҳомӣ метавонад кушода (Ҷамъияти саҳомии шакли кушода (ҶСШК) ё пӯшида (Ҷамъияти саҳомии акли пӯшида (ҶСШП) бошад, ки дар низомномаи он ва дар номаш инъикос меёбад.

Ҷамъияти саҳомӣ ва ҷамъияти масъулияташ маҳдуд метавонанд шуъбаҳо (филиалҳо) таъсис диҳанд, намояндагӣ кушоянд, ҳамчунин ҷамъияти фаръӣ ва вобаста бо ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ дошта бошанд. Муассисони ҷамъияти саҳомӣ метавонанд ҳам ашоси ҳуқуқии хориҷӣ ва ҳам ашхоси воқеии миллӣ (маҳалӣ) бошанд. Андозаи камтарини сармояи низомномавии ҷамъияти саҳомии кушода бояд на камтар аз 5000 сомонӣ ва ҷамъияти саҳомии пӯшида на камтар аз 1000 сомонӣ бошад.

Шароити кор

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2016 санади асосии танзимкунандаи муносибатҳои корӣ байни корфармо ва корманд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар он аз ҷумла шароити ҳадди ақали (минималии) кор муайян карда шудааст.

Шароити минималии кор

Давомати одии вақти корӣ	На бештар аз 8 соат дар рӯз ё 40 соат дар ҳафта
Давомати муҳлати санҷишӣ	Наметавонад аз се моҳ зиёдтар бошад
Даврияти пардохти музди кор	На камтар аз як маротиба дар ҳар як ниммоҳа
Пардохти музд барои кори зиёда аз вақти муқаррарӣ, дар рӯзҳои истироҳат ва ид	На камтар аз ду андоза
Пардохти музд барои кори шабона (22:00 – 6:00)	На камтар аз якуним андоза
Кумакпулӣ (ҳангоми қатъи шартномаи корӣ аз тарафи корфармо)	Ба андозаи на камтар аз музди кори миёнаи моҳона
Рухсатии ҳамасолаи пардохтшаванда	На камтар аз 15 рӯзи корӣ ба андозаи на камтар аз музди кори миёна
Рухсатии пардохтшаванда ҳангоми ҳомилагӣ ва таваллуд	70 рӯзи тақвимӣ то таваллуд ва 56–70 рӯзи тақвимӣ баъд аз таваллуд

Тартиботи ягонаи муқарраршуда барои шартномаи корӣ вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, муайян намудани баъзе бандҳо тавсия дода мешавад:

- соҳаи фаъолият ва тавсифи умумии вазифаҳо;
- санаи оғози эътибори шартнома ё дар сурати шартномаи таъҷилӣ, давомати аниқи созишнома;
- шумораи соати корӣ;
- муҳлати санҷиш;
- пардохт;
- рӯзҳои Ид (мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- санади (декларатсияи) огоҳсозӣ;
- санад (декларатсия) дар бораи махфӣ будани пардохт;
- рухсатии ҳарсола (мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- ҷарима барои вайрон кардани шартнома.

Ба кироя гирифтани кормандони муассиса метавонад мустақилона ё ба воситаи муроҷиат ба агентиҳои махсуси кадр анҷом гирад, ки маълумотро дар бораи ҷойи кории холӣ ва андозаи музд барои мутахассисони соҳаҳои гуногун доранд. Арзиши хизматрасонӣ барои ҷустуҷӯ ва интихоби кадр дар асоси шартномавӣ сурат мегирад. Шартан арзиши хизматрасонӣ бо музди кори вазифавӣ (маблағи музди кори ҳисобшуда) баробар мебошад.

Ба арзиши хизматрасонӣ омилҳои зерин таъсир расонида метавонанд:

- маъмул будани ихтисоси (вазифаи) холӣ;
- таъҷилӣ будани супориш;

- интихоби якчанд мутахассис ба як вазифа, ихтисос;
- мавҷудияти малакаҳои иловагӣ дар мутахассис, баланд будани талабот ба вай;
- дар як замон дар якчанд ихтисос (вазифа) кор кардани мутахассис.

2.2. Литсензиядиҳӣ (литсензиядиҳӣ ва иҷозатдиҳӣ, патентҳо)

Литсензия ва иҷозатдиҳӣ

Ба навъҳои фаъолият, ки бо роҳи додани иҷозат танзим мешаванд, хелҳои фаъолияте дохил мешаванд, ки ба яке аз меъёрҳои зерин ҷавобгӯй бошанд:

- зарурати истифодаи захираҳои маҳдуди давлатӣ;
- зарурати муқаррар намудани шартҳои махсус ва талабот ба фаъолият, ҳамчунин санҷиши риояи онҳо дар ҷараёни амалисозии фаъолият ба мақсади истисно намудани маҳдудсозии ҳуқуқ, манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, осеб расонидан ба муҳити зист ва амнияти давлат;
- додани иҷозатнома тартиботи дигари танзимкунандаи фаъолияти субъектҳои соҳибкории таъйиншуда дар қонунгузорӣ барои ҷудо намудани захираҳои маҳдуди давлатӣ ё барои риояи шартҳои махсус ва талабот ба мақсади истисно кардани маҳдудсозии ҳуқуқ, манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, зарар расонидан ба муҳити зист ва амнияти давлат муқаррар шудааст, такрор намекунад.

Тартиботи ягонаи додани иҷозатнома шартҳои зеринро дарбар мегирад:

- пардохти арзиши баррасии ариза барои дарёфти иҷозатнома;
- мушаххас будани мақсади дарёфти иҷозатнома;
- риоя кардани тартиботи пешниҳоди ариза ва баррасии он;
- мавҷудияти тамоми санадҳои зарурӣ барои дарёфти иҷозатнома;
- надодани иҷозатнома асоснок карда шавад;
- дар сурати зарурат додани нусхаи (дубликати) иҷозатнома;
- сари вақт тартиб додани иҷозатнома;
- бекор намудан, қатъи эътибор ва барқарорсозии иҷозатнома асоснок карда шавад.

Барои дарёфти иҷозатнома роҳбари шахси ҳуқуқӣ ё ваколатдори вай, ё соҳибкори инфиродӣ ба мақоми дахлдори иҷозатдиҳӣ шахсан, ё бо мактуби супоришӣ (заказной) ё ба воситаи почтаи электронӣ (дар шакли санади электронӣ бо имзои рақамӣ) аризаи имзошударо пешниҳод менамояд, ки тибқи он аризадиҳанда барои риояи шартҳои иҷозатнома ҳангоми амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ ва барои эътиборнок будани санадҳои пешниҳодшуда масъулиятро ба зиммаи худ мегирад.

Пардохтҳои литсензионӣ/иҷозатномавӣ

№	Навъи пардохт	Ҳаққи пардохт
1	Пардохт барои аз тарафи мақомоти иҷозатнома диҳанда баррасии ариза доир ба пешниҳоди литсензия/ иҷозатнома аз рӯи фаъолиятҳои мушаххас.	Аз 4 то 10 ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисоб
2	Пардохт барои пешниҳоди литсензия/иҷозат аз рӯйи шаклҳои мушаххаси фаъолият.	Аз 10 ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисоб
3	Пардохт барои аз нав ба қайд гирифтани мавҷудияти литсензия/иҷозатнома.	Ду ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисоб

Сарчашма: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият (дар таҳрири нав аз 19.12.2017)

Довталаби иҷозатнома барои гирифтани иҷозатнома ба мақомоти иҷозатномадиҳанда хуҷҷатои зеринро пешниҳод менамояд:

- ариза дар бораи додани иҷозатнома барои навъи фаъолияти иҷозатномашаванда, ки дар он маълумоти зерин нишон дода мешаванд:

• барои шахси ҳуқуқӣ – ном ва шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот, суроғаи ҳуқуқӣ, рақами суратҳисоб ва номи бонк;

• барои соҳибкори инфиродӣ - насаб, ном, номи падар, ҷои истиқомат, шиноснома, рақам ва таърихи гирифтани он;

- навъи фаъолияти иҷозатномашаванда, ки соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ мақсади анҷом додани онро доранд ва муҳлате, ки дар давоми он чунин фаъолият анҷом дода мешавад:

• барои шахси ҳуқуқӣ нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ва нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии довталаби иҷозатнома ба сифати шахси ҳуқуқӣ;

• барои шахси ҳуқуқӣ нусхаи шаҳодатномаи қайди давлатии шаҳрванд ба сифати соҳибкори инфиродӣ;

- нусхаи шаҳодатномаи ба қайд гирифтани довталаби иҷозатнома дар мақомоти андоз;

- ҳуҷҷате, ки пардохти хаққи иҷозатномаро барои баррасӣ шудани аризаи довталаби иҷозатнома тасдиқ мекунад;

- маълумот дар бораи дараҷаи ихтисоси кормандони довталаби иҷозатнома;

- рӯзи додани ариза ва имзои довталаб.

Дар қарор дар бораи додани иҷозатнома ва ҳуҷҷате, ки мавҷуд будани онро тасдиқ мекунад, инҷо нишон дода мешаванд:

- номи мақомоти иҷозатномадиҳанда:

• барои шахси ҳуқуқӣ – ном ва шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва суроғаи ҳуқуқӣ;

• барои соҳибкори инфиродӣ–насаб, ном, номи падар, ҷойи истиқомат, шиноснома, рақам ва таърихи гирифтани он;

- навъи фаъолияти иҷозатномашаванда бо навъҳои кор (агар фаъолияти иҷозатномашаванда ба навъҳои кор тақсим шавад);
- рақами бақайдгирӣ, рӯз ва муҳлати амали иҷозатнома;
- рақами мушаххаси (идентификатсионии) андозсупоранда;
- рақами иҷозатнома;
- рӯзи қабул кардани қарор дар бораи додани иҷозатнома.

ПАТЕНТ

Муассисаи давлатии «Маркази миллии патентӣ–иттилоотӣ»-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгирии объекти моликияти саноатиро анҷом медиҳад.

Ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ–намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон боҷро бо пули миллӣ ва хориҷиҳо бо доллари амрикоӣ ё бо асъори дигари ба таври озод дар муомилабуда бо қурби доллари амрикоӣ мепардозанд.

Мизон (ставка) барои амали вобаста ба муҳофизаи моликияти саноатӣ дар соли 2018

№	Номгӯйи амал	Мизон (ставка) (ба сомонӣ)
1	Пешниҳоди дархост барои додани патент ҷиҳати ихтироъ: барои як ихтироъ	282,70
2	Пешниҳоди дархост барои додани патент ҷиҳати ихтироъ: барои якчанд ихтироъ	282,70
3	Пешниҳоди дархост барои додани патент ҷиҳати ихтироъ: иловатан, барои ҳар як ихтирои бештар аз як	106,02
4	Пешниҳоди дархост барои додани патенти хурд ҷиҳати ихтироъ: барои як ихтироъ	60,86
5	Пешниҳоди дархост барои додани патенти хурд ҷиҳати ихтироъ: барои якчанд ихтироъ	60,86

6	Пешниҳоди дархост барои додани патенти хурд ҷиҳати ихтироъ: иловатан, барои ҳар як ихтирои бештар аз як	24,86
7	Пешниҳоди дархост барои додани патент барои намунаи саноатӣ, ки на бештар аз се вариантро дорад	243,49
8	Пешниҳоди дархост барои намунаи саноатӣ: иловатан, барои ҳар як варианти минбаъда	85,23
9	Патент барои ихтироъ	597,47
10	Патенти хурд барои ихтироъ	187,69
11	Патент барои намунаи саноатӣ	1236,76
12	Бақайдгирии тамғаи мол ва додани гувоҳнома барои он	1413,45
13	Бақайдгирии тамғаи моли маълум	1413,45
14	Бақайдгирии тамғаи коллективӣ ва додани гувоҳнома барои он	1413,45

2.3. Стандартизатсия (сертификатҳо ва хулосабарорӣ)

Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти амаликунандаи назорат ба бехатарии амвол (кор, хизматрасонӣ) ба уҳдаи Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардидааст.

Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиботи муқарраршуда созмондиҳӣ ва амали вобаста ба тасдиқи ҳатмии мутобиқати амвол (кор, хизматрасонӣ)-ро анҷом медиҳад.

Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти амалкунанда, навтаъсис доир ба сертификатсияи маҳсулоти якҷинса дар Системаи миллии сертификатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳи дахлдори маҳсулот бо зикри номгӯйи амволи вобаста ба ваколати онҳо маълумот медиҳад.

СЕРТИФИКАТҲО ВА ХУЛОСАБАРОРӢ

Сертификати мутобиқат – санади додашуда оид ба қоидаҳои системаи сертификатсия ҷиҳати тасдиқи мутобиқати маҳсулоти сертификатсияшуда бо талаботи асноди меъёрӣ.

Мақоми ваколатдор оид ба сертификатсияи маҳсулот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентӣ оид ба сатандартизатсия, сертификатсия ва бозрасии тиҷоратии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – “Тоҷикстандарт” мебошад.

Сертификати мутобиқат ба **таври ҳатмӣ барои маҳсулоти ҳатман сертификатсияшаванда** талаб карда мешавад.

Барои истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулот ва амалисозии навъҳои алоҳидаи фаъолият дарёфти сертификат ё хулосаи мақомоти дахлдори давлатӣ зарур аст.

Феҳристи амвол (маҳсулот), ки бояд ҳатман мавриди сертификатсия қарор гиранд:
• Маҳсулот ва амволи ғизоӣ (гурӯҳи 02, 03, 04, 07, 08,09,10,11, 12, 13,15,16,17,18,19,20, 21); • Машруботи спиртӣ ва беспиртӣ ва сирко; • Пасмонда ва партови саноати озуқаворӣ; хӯрокаи тайёр барои чорво (гурӯҳи 23); • Тамоку ва ивазкунандаҳои саноатии тамоку (гурӯҳи 24); • Намак, сулфур, хок ва санг; маводи гилкорӣ; оҳак ва семент (гурӯҳи 25); • Сӯзишворӣ, нафт ва маҳсулоти нафтӣ; маводи қиррезӣ; муми минералӣ (гурӯҳи 27); • Маҳсулоти доруӣ (гурӯҳи 30); • Нурӣ (гурӯҳи 31); • Ҷавҳари даббоғӣ ё рангрезӣ; ҷавҳари мозу, моддаҳои рангкунанда, пигмент ва дигар рангкунандаҳо; ранг, лок; ғӯрагач ва сирешим; ранги полиграфӣ, сиёҳӣ, туш (гурӯҳи 32); • Равғани эфир ва резиноидҳо; воситаҳои атторӣ, ороишӣ (гурӯҳи 33); • Собун, воситаҳои шустушӯйкунанда, маводи молиданӣ, муми сунъӣ ва тайёр, воситаҳо барои поксозӣ ва пардоздиҳӣ, шамъ ва маснуоти монанд ба он, хамира барои гачқорӣ, пластилин, «муми табобати дандон» ва таркибҳои табобати дандон таҳияшуда дар асоси гач (гурӯҳи 24); • Маводи сафеда; оҳор; ширеш; ферментҳо (гурӯҳи 35); • Маводи пластикӣ ва маснуот аз он (гурӯҳи 39); • Каучук, резина ва маснуот аз онҳо (гурӯҳи 40); • Чӯб ва маснуот аз он, ангишти чӯб (гурӯҳи 44); • Коғаз ва картон; маснуот аз коғаз ё картон (гурӯҳи 48); • Абрешим ва пахта (гурӯҳи 50 ва 52).

Ба мақсади сертификатсияи маҳсулот дар мақомоти стандартизатсия санадҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Дархости хаттӣ (аз рӯи шакли озод);

2. Санадҳо ва маълумоти тасдиккунандаи миқдор ва ҳаҷми маҳсулот (борхати амволӣ – интиқолӣ ё дигар санадҳо;

3. Санадҳо ва маълумоти тасдиккунандаи арзиши маҳсулот (Инвойс ё Суратҳисоб – фактура);

4. Сертификати фитосанитарӣ барои тамоми намудҳои меваҷот ва маҳсулоти сабзавотӣ.

Пардохтҳо дар раванди баргузории амалиёти сертификатсионӣ

№	Навъи пардохт	Ҳаққи пардохт
1.	Барои бланки сентификат	6 сомони
2.	Барои баргузории ташхисҳои озмоишӣ/ лабораторӣ	Аз хусусияти маҳсулот вобаста аст, барои мисол ба маҳсулоти хӯрокворӣ аз 154 сомонӣ то 240 сомонӣ
3.	Барои сертификатсионикунии ҳаҷми муайяни маҳсулот (аз ҳаҷми истеҳсол вобаста аст)	Аз 36,4 сомонӣ (барои миқдори маҳсулот дар ҳаҷми 500 сомонӣ) то 1050 сомонӣ (барои миқдори маҳсулот дар ҳаҷми 100 ҳазор сомонӣ)

Феҳристи кор ва хизматрасонӣ, ки бояд ҳатман мавриди сертификатсия қарор гиранд:

- Хизматрасонии хӯроки ҷамъиятӣ;
- Хизматрасонии сартарошӣ;
- Хизматрасонии нуқтаҳои сӯзишворӣ;
- Хизматрасонии меҳмонхона, сайёҳӣ ва тамошо (экскурсия);
- Хизматрасонии техникӣ ва таъмири воситаҳои нақлиёт;
- Хизматрасонии савдо ва бозорҳо;
- Хизматрасонии чопхона.

Сертификат оид ба пайдоиши амвол (маҳсулот)

Ҳангоми сертификатсия ба мақсади муайян кардани кишвари тавлидкунандаи амвол санҷиш гузаронида мешавад. Гузаронидани санҷиши тавлиди амвол ва тартиб додани сертификат тайи 3 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди дархост мутобиқи тартиботи муқарраршуда анҷом мегирад.

Сертификати оид ба пайдоиши амвол– санади тасдиққунандаи кишвари тавлидкунандаи амвол мебошад, ки аз тарафи мақомот ё ташкилоти ваколатдор мутобиқи қонунгузории миллӣ дода мешавад. Чунин ташкилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Тартиботи додани Сертфикат оид ба пайдоиши амвол

Асос барои гувоҳии сертифкатҳои пайдоиши амвол аризаи хаттии шахси дахлдори ҳуқуқӣ ё воқеӣ (соҳибкор, декларант) бо имзои роҳбар ё шахси ваколатдори Декларант зимни хоҳиши тасдиқи санади пешниҳодшуда мебошад.

Маъмулан, дар ариза номгӯи амвол, миқдори он, маҳали равона кардан, суроғаи пурраи ширкати боргиранда, намуди боргирӣ, кафолат дар бораи пардохт, шумораи санадҳои гувоҳикунанда зикр карда мешавад. Барои муайян кардани пайдоиши амвол Декларант бояд нусхаи шартнома ё қарордод бо Харидор, ҳамчунин дигар санадҳои тасдиккунандаи пайдоиши амвол, масалан, нусхаи шартнома бо истеҳсолкунандаи амвол, санадҳои ҳамроҳикунандаи амвол ва ғайра пешниҳод намояд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, дар сурати имконнопазир будани муайян кардани пайдоиши амвол аз рӯи санадҳо ва намунаҳои пешниҳодии Декларант, барои муайн кардани пайдоиши мол ташхис гузаронида мешавад.

Барои дарёфти Сертификат дар бораи пайдоиш бояд ба Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин санадҳо пешниҳод карда шаванд: дархости хаттӣ, суратҳисоб – фактура, шартнома дар бораи таҳвил; яке аз санадҳои дар пойиновардашуда, ки пайдоиши молро тасдиқ мекунад; Сертификати сифати маҳсулот; Сертификати мутобиқат; маълумотнома аз Ҷамоат ё маълумотнома аз бозор.

Тартиботи дарёфти Сертификат дар бораи пайдоиши амвол: – соҳибкор аризаро ҳамроҳи тамоми санадҳои зарурӣ пешниҳод мекунад ва баъд аз ин, Палатаи савдо ва саноати ҶТ коршиносро барои анҷоми ташхиси дахлдор дар муассиса ё дар анбор таъйин мекунад ва пас аз ин, санад дар бораи пайдоиши мол тартиб дода мешавад.

Сертификати фитосанитарӣ.

Ҳар як маводи зеркарантин, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешавад, ё аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун бурда мешавад, бо сертификати фитосанитарӣ, ки аз тарафи мақоми давлатии ваколатдор оид ба таъмини карантини растании кишвари содиркунанда ва воридкунанда иҷозати картин дода мешавад, ҳамроҳ карда мешавад.

Сертификати фитосанитарӣ ҳангоми содироти амвол аз тарафи Кумитаи амнияти озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Шахси анҷомдиҳандаи содироти меваҷот ва сабзавот 15 рӯз то боргирӣ бояд маҳсулоти содиротиро ҷиҳати санҷиши дахлдор бо роҳи гирифтани намуна ва гузаронидани таҳлили озмоишгоҳӣ аз тарафи Мақомоти хадамоти бозрасии давлатӣ оид ба фитосанитария ва карантини растаниҳои Кумитаи амнияти озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Барои дарёфти Сертификати фитосанитарӣ ҳангоми содирот бояд дар як замон санадҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

1. Аризаи хаттӣ ба номи сардори Мақомот (намуди озод);
2. Нусхаи шартнома, ки ба муомилот дахл дорад;

3. Санади тасдиққунандаи пардохти сертификати фитосанитарӣ мутобиқи нархи муқарраркардаи Мақомот.

Баъд аз гузаронидани таҳлили зарурӣ Сертификати фитосанитарӣ дода мешавад.

Маводи зеркарантин ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ***фақат ба воситаи пунктҳои гузаргоҳии сарҳади давлатӣ*** ворид мешаванд.

Ҳар як гурӯҳи маҳсулоти зеркарантин, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешавад, ё аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон берун бурда мешавад, бо сертификати фитосанитарӣ ва иҷозатномаи воридотии карантин ҳамроҳ мебошад.

Барои дарёфти иҷозатномаи воридотии карантин ба Мақомоти бозрасиии давлатӣ оид ба фитосанитарӣ ва карантини растаниҳо санадҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Ариза, ки дар он иттилооти зерин зикр карда мешаванд:
   - Номи ташкилот, суроғаи фиристанда;
   - Номгӯйи маводи зеркарантин, пайдоиши онҳо ва миқдори воҳиди нақлиётӣ;
   - Рақами автомашина ва вагонҳо, ки бо онҳо бори зеркарантин фиристода мешавад;
   - Номи кишваре, ки ба он ҷо маводи зеркарантин фиристода мешавад ва суроғаи дарёфткунанда.
2. Нусхаи шартнома ё қарордод.

Хулосаи санитарӣ – эпидемологӣ.

Воридшавии (берунравии) маҳсулот аз тарафи шаҳрвандон, соҳибкорони инфиродӣ ва ашхоси ҳуқуқӣ, истифода ва (ё) истеъмол, ки бевосита иштироки шахсро талаб менамояд, аз ҷумла, маҳсулоти ғизоӣ ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо меъёрҳои санитарӣ ва қоидаҳо мутобиқат дошта бошад ва дар сурати мавҷудияти хулосаи санитарӣ – эпидемологӣ амалӣ мешавад.

Хулосаи санитарӣ – эпидемологӣ – санади тасдиққунандаи мутобиқатӣ (номутобиқатӣ):

- қоидаҳои санитарӣ – эпидемологӣ,
- омилҳои муҳити зист,
- фаъолияти хоҷагидорӣ ё фаъолияти дигар,
- маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ,
- тарҳҳои санадҳои меъёрӣ,
- тарҳҳои сохтмони объектҳо,

- санадҳои баҳрабардорӣ.

Хулосаи санитарӣ – эпидемологӣ аз тарафи Хадамоти давлатии назорати санитарӣ – эпидемологии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

Барои дарёфти хулосаи санитарӣ – эпидемологӣ аризадиҳанда санадҳои зеринро пешниҳод мекунад:

1. ариза дар бораи хулосаи санитарӣ – эпидемологӣ бо зикри:
   - ном ва шакли ташкилӣ – ҳуқуқӣ; суроғаи ҳуқуқӣ; ном ва маҳали истиқомати соҳибкори инфиродӣ ё шахси воқеӣ;
   - мақсад ва асосноккунии фаъолият;
2. санади тасдиккунандаи пардохт барои баррасии ариза;
3. ариза дар бораи додани хулосаи санитарӣ – эпидемологӣ бо зикри:
4. нусхаи сертификати сифати маҳсулот ва амвол.

Хулосаи санитарӣ – эпидемологӣ ба асоси натиҷаи ташхиси санитарӣ – эпидемологӣ, таҳқиқот, санҷиш, таҳқиқоти токсиологӣ, гигиенӣ ва дигар намудҳои арзёбӣ дода мешавад.

2.4. Қонунгузорӣ доир ба истифодаи замин (доираи меъёрии ҳуқуқӣ оид ба истифодаи замин, арзиши хизматрасонии давлатӣ, ки ҳангоми тартибдиҳии асноди заминсозӣ ва додани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ба қитъаи замин расонида мешавад)

Идоракунии давлатии заминсозӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ доир ба танзими муносибатҳои замин (Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ амалӣ мешавад.

Ҳангоми шаклдиҳии истифодаи замин бояд қитъаи замин ҷудо карда шавад, ки тавсифи фақат хоси худро дорад: масоҳати аниқ, маҳали ҷойгиршавӣ, ҳудуди баҳснопазир ва дар сурати зарурат координатҳо.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои зерини истифодаи замин вуҷуд дорад:

- истифодаи бемуҳлати қитъаи замин (истифодаи замин бе муҳлати қаблан муқарраршуда. Истифодаи бемуҳлати қитъаи замин ба ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор мешавад);
- истифодаи якумрии меросӣ (замин ба ашхоси воқеӣ ё дастаҷамъӣ барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва касбу кори анъанавии халқӣ, ҳамчунин, ба шаҳрвандон чун қитъаи замини наздиҳавлигӣ вогузор мегардад);

- истифодаи фаврии замин (қитъаи замин метавонад ба ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои муҳлати муайян дода шавад ва ин навъи истифодаи замин метавонад кутоҳмуҳлат– то се сол ва дарозмуҳлат–аз се то бист сол бошад);

- иҷораи замин (қитъаи замин аз рӯйи шартнома ба иҷора дода мешавад). Шартномаи кирояи замин бе тағйири таъйноти асосии қитъаи замин баста мешавад. Қитъаи замин ба муҳлати то 20 сол ба иҷора дода мешавад.

Ҳуқуқи истифодаи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо санадҳои зерин тасдиқ мешавад:

- Сертификат барои ҳуқуқи истифодаи замин (сертификат барои ҳуқуқи истифодаи замин аз тарафи мақоми давлатии идораи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он дар маҳалҳо ба муҳлати на бештар аз 25 (бисту панҷ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза (мактуб) бо замимами тамоми санадҳои зарурӣ дода мешавад);

- Сертификат барои истифодаи замин дар таркиби хоҷагии деҳқонӣ;

- Шартномаи кироя дар сурати кирои замин.

Сертификат барои истифодаи замин бо ҷанбаҳои зерин тавсиф мешавад:

- *Мақсади иҷозат*: Истифодаи замин мутобиқи қонунгузорӣ;
- *Асоси ҳуқуқӣ*: Моддаи 15 ва 17 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»;
- *Мақоми иҷозатдиҳанда*: Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- *Ҳадамот, идора, шуъба ё дигар сохтори масъули мақоми иҷозатдиҳанда*: Муассисаи воҳиди давлатии «Маркази Замин» бо тобеият ба муассисаҳои фаръии давлатӣ дар шаҳри Душанбе, ВМКБ, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо;
- *Боҷ барои баррасии ариза*: барои баррасии ариза ҷиҳати додани иҷозатнома боҷ ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисоб ситонида мешавад, ки бозгардонида намешавад;
- *Боҷ барои додани иҷозатнома*: барои додани иҷозатнома боҷ ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисоб ситонида мешавад;
- *Боҷ барои аз нав тартиб додани санади тасдиқкунандаи мавҷудияти иҷозатнома*: Барои аз нав тартиб додани иҷозатнома боҷ ба андозаи аз чор як ҳиссаи маблағи пардохтшаванда барои баррасии ариза ҷиҳати додани иҷозатнома дар санаи пешниҳоди ариза барои аз нав тартибдиҳӣ ситонида мешавад;
- *Муҳлати баррасии ариза ва додани иҷозатнома*: Мақоми иҷозатдиҳанда дар асоси ариза дар бораи дарёфти иҷозатнома ва санадҳои замимашуда ба он, қарорро дар бораи додан ё радди додани иҷозатнома дар муҳлати на бештар аз даҳ рӯзи корӣ аз рӯзи бақайдгирӣ қабул мекунад;
- Ба аризадиҳанда дар бораи қабули қарор ҷиҳати додани иҷозатнома, на дертар аз рӯзи кории баъдӣ пас аз қабули қарор, маълумот дода мешавад. Агар аризадиҳанда тайи сӣ рӯзи корӣ пас аз додани огоҳинома ба ӯ дар

бораи қабули қарор доир ба додани иҷозатнома бе сабаби узрнок барои дарёфти иҷозатномаи таҳияшуда муроҷиат накунад, мақоми иҷозатдиҳанда ҳуқуқ дорад, ки қарорро дар бораи додани иҷозатнома бекор намояд ё қарор дар бораи беэътибор донистани иҷозатнома қабул намояд;

- *Муҳлати эътибори иҷозатнома*: Иҷозатнома ба муҳлати бемаҳдуд дода мешавад:
- *Талабот ва шартҳои додани иҷозатнома*: Риояи талаботи қонунгузории дахлдор;
- *Феҳристи санадҳои зарурӣ барои дарёфти иҷозатнома*:

–аризаи имзошуда мутобиқи намунаи муқарраркардаи мақоми иҷозатдиҳанда;

–нусхаи санади тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ.

2.5. Амволи ғайриманқул

Мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ вазифаҳои вобаста ба фароҳамоварии шароити техникӣ ҷиҳати пайвастан ба шабакаҳои муҳандисӣ-коммуникатсионӣ, мувофиқа кардани тағйири намои берунии иморатҳо ва таъсисот ва нақшаи генералии объектро иҷро менамоянд.

Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ мебошад.

Барои анҷоми корҳои сохтмонӣ:

- *Мақоми иҷозатдиҳанда*: Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозӣ дар шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳо, ноҳияҳо;
- *Боҷ барои баррасии иҷозатнома*: Барои баррасии ариза ҷиҳати додани иҷозатнома аз рӯйи навъҳои фаъолият ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисоб ситонида мешавад, ки бозгардонида намешавад;
- *Боҷ барои додани иҷозатнома*: Барои додани иҷозатнома боҷ ба андозаи ду нишондиҳанда барои ҳисоб ситонида мешавад;
- *Боҷ барои аз нав таҳия кардани санади тасдиққунандаи мавҷудияти иҷозатнома*: Барои аз нав таҳия кардани иҷозатнома, боҷ ба андозаи чоряк ҳиссаи маблағи пардохтшаванда барои баррасии ариза дар бораи додани иҷозатномаи мазкур дар санаи пешниҳоди ариза барои таҳияи нав ситонида мешавад;
- *Муҳлати баррасии ариза ва додани иҷозатнома*: Мақоми иҷозатдиҳанда ба асоси ариза ҷиҳати дарёфти иҷозатнома ва санадҳои замима ба он, дар бораи додан ё радди додани иҷозатнома дар муҳлати на бештар аз даҳ рӯзи корӣ аз лаҳзаи бақайдгирии он, қарор қабул мекунад;

- *Маълумот дар бораи қабули қарор доир ба додани иҷозатнома* ба аризадиҳанда на дертар аз як рӯзи корӣ пас аз қабули қарор дода мешавад;
- *Муҳлати эътибори иҷозатнома*: Иҷозатнома ба муҳлати бемаҳдуд дода мешавад;
- *Феҳристи санадҳои зарурӣ барои дарёфти иҷозатнома*:

- аризаи имзошуда мутобиқи намунаи муқарраркардаи мақоми иҷозатдиҳанда;

–нусхаи санади тасдиққунандаи бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ. Нусхаи санадҳо метавонанд ба шакли электронӣ пешниҳод шаванд.

2.6. Хизматрасонии коммуналӣ барои субъектҳои хоҷагидорӣ (гармидиҳӣ, тарифи неруи барқ, об ва ғайра)

Тарифи неруи барқ, гармидиҳӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад (соли 2018)		
1.	Неруи барқ	дирам барои 1 кВт соат
	Барои истифодабарандагони соҳаи саноат ва ғайрисаноат	47,13
	Барои истифодабарандагони соҳаи буҷавӣ ва комплексҳои варзишӣ	19,37
	Барои соҳаи нақлиёт	19,37
	Барои дастгоҳҳои обкашӣ (насос) ва дастгоҳҳои обёрии мошинӣ, базаҳои таъмирӣ-истеҳсолии Агентии мелиоратсия ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон –аз 1 апрел то 31 октябр – аз 1 ноябр то 31 март	6,73 19,37
	Барои чоҳҳои амудии мелиоративӣ ва дастгоҳҳои мелиоративии обкаш	6,73
	Барои аҳолӣ, бо дарназардошти андоз аз арзиши иловагӣ	19,37
	Барои истифодаи неруи барқ дар дегҳои барқӣ ва дастгоҳҳои барқӣ ба мақсади таъмини гармидиҳӣ ва оби гарм: – барои соҳаи ғайрибуҷавӣ – барои ташкилот ва муассисаҳои буҷавӣ	116,77 34,51
	Барои ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуди «Комбинати металлургии Тоҷикистон» – аз 1 май то 30 сентябр – аз 1 октябр то 30 апрел	8,28 47,13
	Барои дастгоҳҳои обкаши оби ошомиданӣ (ба истиснои обкашҳои (насосҳои) инфиродӣ) ва канализатсия	9,20

2.	Неруи ҳароратӣ	сомонӣ барои 1 гкал.
	Барои муассисаҳо ва мақомоти идоракунии маблағгузоришаванда аз ҳисоби буҷа (буҷет)	67,44
	Барои харидорони яклухтфурӯш, ки неруи ҳароратиро ба аҳолӣ мерасонанд	8,77
	Барои тамоми дигар харидорон	259,60

Тарифҳои хизматрасонии коммуналӣ то 1 декабри соли 2018

	Навъи хизматрасонӣ	**Воҳиди андозагирӣ**	**Арзиш, сомонӣ**
1	Неруи барқ барои эҳтиёҷоти аҳолӣ (бо дарназардошти андоз аз арзиши иловагӣ)	1 квт/соат	19,37
2	Неруи барқ барои эҳтиёҷоти сокинони хонаҳои истиқоматии муҷаҳҳаз бо плитаи барқӣ (бо дарназардошти андоз аз арзиши иловагӣ)	1 квт/соат	19,37
3	Обрасонии гарм (бе дарназардошти андоз аз арзиши иловагӣ)	1 $м^3$	1,18 сомонӣ
4	Оби қубур (водопровод)	1 $м^3$	Душанбе (1,73), Минтақаҳо (1,02-1,32)
5	Бурдани пасмондаҳои маишӣ (мусор)	Барои 1 нафар	Душанбе (2,00-3,10) Минтақаҳо (4,50-7,00)

БАХШИ 3 АНДОЗ ВА ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ

3.1. Андоз ва боҷ (бо зикри тамоми пардохтҳои андоз)

Субъектҳои соҳибкорӣ метавонанд режими андози умумӣ ё режимҳои содашуда (махсуси) андозбандиро ба кор баранд.

Режими андози умумӣ дар навбати аввал дар назар дорад, ки субъектҳои соҳибкорӣ андозсупорандаи арзиши иловагӣ (ҳамчунин, андоз аз даромади ашхоси ҳуқуқӣ ва андоз аз истифодабарандагони роҳҳои мошингард) мегарданд.

Режимҳои содашудаи (махсуси) андоз барои категорияҳои муайяни соҳибкорӣ ба кор бурда мешаванд ва қоидаҳои махсуси ҳисоб ва пардохти андоз (пардохт барои Патент аз рӯйи навъҳои фаъолият, андози содашуда барои субъектҳои соҳибкории хурд, андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ) муқаррар шуда, андозсупорро аз пардохти андози асосии пешбинишуда дар режими андози умумӣ озод мекунад.

Режими андози умумӣ 10 навъи андози ҷумҳуриявӣ ва маҳаллиро муқаррар менамояд:

- андоз аз даромад (андоз аз даромади ашхоси ҳуқуқӣ ва андоз аз даромади ашхоси воқеӣ);
- андоз аз арзиши илова;
- андози иҷтимоӣ;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои мошингард;
- андоз аз истифодабарандагони маъдан;
- андоз аз амволи ғайриманқул (андоз аз замин ва андоз аз объектҳои ғайриманқул);
- андоз аз воситаҳои нақлиёт;
- аксиз;
- роялти барои об;
- андоз аз фурӯши алюминийи аввалия.

Дар айни замон, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе андозро (андоз аз даромад ва андоз аз арзиши илова) муайян менамояд, ки бояд аз манбаи пардохт нигоҳ дошта шаванд (нисбат ба баъзе навъҳои андози пардохтшаванда ба нафъи категорияи муайяни ашхос) ва ба андозсупоранда мақоми агенти андоз медиҳад, ки барои ҳисоб кардан, нигоҳ доштан ва пардохти чунин андоз ба буҷа (буҷет) масъулиятро ба зимма доранд.

Режими андози умумӣ
• Шахси машғул ба фаъолияти соҳибкорӣ, ки маҷмӯи даромади вай тайи давраи гузашта аз 12 моҳи пурраи таҚвимӣ бештар набошад ва аз ҳадди 1 000 000 сомонӣ зиёдтар бошад, вазифадор аст, ки дар муҳлати на бештар аз 30 рӯзи таҚвимӣ ба режими андози умумӣ гузарад ва ба мақоми андоз дар маҳали худ аризаро барои бақайдгирӣ ба мақсади супоридани андоз аз арзиши илова ва ҳамзамон, аризаро барои гузаштан ба режими андози умумӣ пешниҳод намояд. • Барои фондҳо, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ташкилотҳои суғуртавӣ ва қарзӣ, созмонҳои қарзии хурд, ломбардҳо, истифодабарандагони маъдан, таъминкунанагони алюминийи аввалия, истеҳсолкунандагони маҳсулоти аксиздор, ташкилотҳои миёнарав (дар асоси шартномаҳои комиссия, супориш ва дигар шартномаҳои миёнарав амалкунада) уҳдадории гузаштан ба режими андози умумӣ ва бақайдгирӣ ба сифати супорандаи андоз аз арзиши илова аз санаи бақайдгирии давлатӣ оғоз мешавад. Дар айни замон, тамоми ашхоси воридкунандаи амволи андозбандшаванда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандаи андоз аз арзиши илова шуморида мешаванд.
Андозсупорандагон
Ашхоси ҳуқуқӣ
Талабот ба баҳисобгирии андоз ва муҳосибот
Баҳисобгирии муҳосиботӣ бояд мутобиқи тартиботи муайяншуда дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом гирад
Имтиёзҳо, озод кардан аз андоз
Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила имтиёзҳо ва озод кардан аз андоз аз даромад, андоз аз арзиши илова ва андози маҳалиро аз ҷумла ба мақсади ҷалби сармоя ва барои дастгирии фаъолияти иҷтимоии андозсупорандагон пешбинӣ менамояд.

1. Андози асосӣ, ки андозсупорандагон дар доираи режими андози умумӣ мепардозанд					
Андоз	**Объекти андозбандӣ / асоси андозбандӣ**	**Мизон (Ставка)**	**Давраи андоз /ҳисоботӣ**	**Муҳлати пешниҳоди санади андоз (декларатсия)**	**Муҳлати пардохт**
Андоз аз арзиши илова	Расонидани амвол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, воридоти амвол ба ҶТ	–18% ставкаи стандартӣ	Моҳи таҚвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ

Андоз аз даромад	Фоидаи андозбандишаванда (маҷмӯи даромад, камшуда ба маблағи иҷозатдодашуда дар Кодекси ҶТ). Зиёдтар шудани маблағи нигоҳдоштаи андозсупоранда аз маҷмӯи даромад (зарар аз фаъолияти соҳибкорӣ) ба давраи ояндаи давоматаш то 3 сол гузаронида мешавад).	-13% барои фаъолият дар истеҳсоли амвол, аммо на камтар аз 1% маҷмӯи даромад -23% барои дигар намудҳои фаъолият, аммо на камтар аз 1% маҷмӯи даромад	Соли тақвимӣ	1 апрели соли оянда пас аз соли ҳисоботӣ	Пешпардохти ҳармоҳа (ҳар семоҳа): –Дар санаи 15 моҳи пас аз давраи ҳисоботӣ *Пешпардохт чун 1/12 (1/4) маблағи андоз аз фоида дар соли тақвимии гузашта ҳисоб карда мешавад, аммо на камтар аз маҷмӯи даромад дар давраи ҳисоботии ҷорӣ).*
Андоз аз истифодабаранда гони роҳҳои мошингард	Тамоми хароҷоти ҳақиқӣ, (ки ҷанбаи сармоя надоранд ё 70% маҷмӯи даромад, агар тамоми хароҷоти ҳақиқӣ аз 70% маҷмӯи даромад бештар набошад)	0,25% барои фаъолияти тиҷоратӣ, захира кардан, таъминотӣ - фурӯшӣ 1% барои дигар фаъолиятҳо	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ
Андози иҷтимоӣ	Даромаде, ки ба ашхоси воҷеӣ – кормандони кироя ба шакли музди меҳнат пардохта мешавад (Фонди пардохти музди кор)	–25% барои андоз аз суғуртакунанда –1% барои андоз аз суғурташаванда	– моҳи тақвимӣ барои андоз аз суғурта кунанда – семоҳа барои андоз аз суғурташаванда	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ

Андози даромад, ки бояд нигоҳ дошта шавад ва аз тарафи андозсупоранда чун агенти андоз пардохта шавад	Даромаде, ки ба шахси ҳуқуқӣ ё шахси воқеӣ пардохта мешавад ва аз пардохткунанда мутобиқи Кодекси ҶТ андоз ситонида мешавад	6%–25% вобаста аз навъи даромади пардохтшавандa ва мақоми намояндагии (резидентии) шахси ҳуқуқӣ (даромадгирандa) 8% – 25% вобаста аз андозаи даромади пардохтшавандa ва мақоми намояндагии (резидентии) шахси воқеӣ (даромадгирандa)	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ
2. Андози асосӣ, ки андозсупоранда дар доираи режими андози умумӣ мепардозад					
Андоз	**Объекти андозбандӣ / асоси андозбандӣ**	**Мизон (Ставка)**	**Давраи андоз /ҳисоботӣ**	**Муҳлати пешниҳоди санади андоз (декларатсия)**	**Муҳлати пардохт**
Андози арзиши илова аз ғайринамоянда (нерезидент), ки бояд нигоҳ дошта шавад ва аз тарафи соҳибкор чун агенти андоз пардохта мешавад	Даромаде, ки ба ғайринамоянда пардохта мешавад ва мутобиқи Кодекси андози ҶТ аз пардохткунанда андоз ситонида мешавад	18%	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ
	Иқтидори муҳаррики воситаи нақлиёт, ки ба воҳиди ченаки қувваи асп ифода меёбад	Ба ҳисоби иқтидори 1 қувваи асп: • Мотосикл ва мотороллер – 1,25 сомонӣ	Соли тақвимӣ	Барои ашхоси ҳуқуқӣ дар мақоми андоз дар маҳали бақайдгирифта то 1	На дертар аз муҳлати бақайдгирӣ, аз нав бақайдгирӣ ё санҷиши техникии ҳарсолаи

Андоз аз воситаҳои нақлиёт		• Автомоб или сабукрав – 3,75 -7,5 сомонӣ (вобаста аз категорияи муҳаррик аз рӯйи иқтидор) • Автобус - 3,75 - 4,75 сомонӣ • Мошинҳ ои боркаш – 5,5 – 7.25 сомонӣ (вобаста аз категория аз рӯйи иқтидори борбарӣ) • Трактор - 1 сомонӣ • Киштӣ ва қаиқ - 7,5 сомонӣ • Локомот ив дар роҳи оҳан – 0,5 сомонӣ		апрели соли ҷорӣ Барои ашхоси воқеӣ зарур надорад	воситаи нақлиёт
Андоз аз объектҳои ғайриманқул	Масоҳати умумии объекти ғайриманқул, аз ҷумла, масоҳати ҳар як ошёна дар бинои серошиёна	Аз 1,5 то 15 сомонӣ барои 1 метри мураббаъ. Мизони (ставкаи) андоз аз объекти ғайриманқул вобаста аз масоҳат ва мақсади истифода ба фоиз аз нишондиҳанда барои ҳисоби коэффисиентҳо и минтақавӣ аз рӯйи шаҳрҳо ва ноҳияҳо муайян карда мешавад	Соли тақвимӣ	1 марти соли ҷорӣ (ба ғайр аз ашхоси воқеӣ, ки объекти ғайриманқу лро барои фаъолияти соҳибкории худ истифода намебаранд	15 май, 15 август ва 15 ноябр дар таносуби муқаррар-кардаи Кодекси ҶТ барои якчанд категрияи ашхос ва замин
	Масоҳати қитъаи замини маҳали аҳолинишин бо назардошти сифат, арзёбии	Мизони (ставкаи) андоз аз як гектари замин аз рӯи вилоятҳо ва шаҳрҳо	Соли тақвимӣ	1 марти соли ҷорӣ (ба ғайр аз ашхоси воқеӣ, ки	15 май, 15 август ва 15 ноябр дар таносуби муқаррар-кардаи

Андоз аз замин	кадастрии замин, таъйиноти истифода ва хусусиятҳои экологӣ, ки тааллуқияти он (аз ҷумла, замини таҳти сохтмон) мутобиқи қонунгузории замини ҶТ муайян карда мешавад	(ноҳияҳо) бо назардошти ҳавзаи кадастрӣ ва навъи замин ҳар як 5 сол аз тарафи Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешавад.		амволи ғайриманқулро барои фаъолияти соҳибкории худ истифода намебаранд)	Кодекси ҶТ барои якчанд категрияи ашхос ва замин

2. Режими соддашудаи андозбандии ашхоси воқеӣ, ки дар асоси патент фаъолияти соҳибкорӣ мекунанд (Режими патент)

Соҳибкор–шахси воқеӣ, ки ба асоси патент амал мекунад, ҳар моҳ андози даромад ва андози иҷтимоиро ба шакли усутувори (пардохт барои патент) муқарраршуда аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мепардозад. Андозаи пардохт барои патент аз намуди фаъолияти соҳибкорӣ (тибқи «Феҳристи навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ», тасдиқшуда аз тарафи Ҳукумати ҶТ), давраи пардохт (шумораи моҳҳои тақвимӣ) ва минтақа вобаста аст.

Дар як замон амалисозии якчанд навъи фаъолияти соҳибкорӣ ва дар якчанд минтақа (ё дар тамоми ҷумҳурӣ) имкон дорад–дар ин маврид патент барои навъи фаъолият ба андозаи 100% ва патент барои ҳар як навъи фаъолияти иловагӣ фақат ба андозаи 20% аз пардохти муқарраршуда пардохта мешавад.

Шартҳои бакоргирии режими соддашуда (патентӣ)

Дар сурате, ки маҷмӯи даромад аз тамоми навъҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент тайи як соли тақвимӣ аз 100 000 сомонӣ бештар бошад, соҳибкор вазифадор аст, ки аризаро дар бораи қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент дар зарфи 10 рӯзи тақвимӣ пас аз поён ёфтани соли ҳисоботӣ пешниҳод намояд.

Дар айни замон, соҳибкор имкон дорад ба сифати соҳибкоре, ки фаъолияти худро дар асоси гувоҳнома анҷом медиҳад, ба қайд гирифта шуда, фаъолияти соҳибкориро идома диҳад.

Имтиёзҳо, озод кардан аз андоз

- Озод кардан аз пардохти андоз аз фаъолияти соҳибкорӣ, ба ғайр аз андози даромад ва андози иҷтимоӣ, ба шумул пардохт барои патент.
- Озод кардан аз пешниҳоди ҳисоботи андоз (декларатсия).
- Озод кардан аз баҳисобгирии андоз ва муҳосибот (бухгалтерия).
- Озод кардан аз истифодаи дастгоҳи назоратӣ – хазинавӣ (кассавӣ).

Андози асосӣ, ки соҳибкори амалкунанда дар асоси патент пардохт менамояд					
Андоз	**Объекти андозбандӣ / асоси андозбандӣ**	**Мизон (Ставка)**	**Давраи андоз /ҳисоботӣ**	**Муҳлати пешниҳоди санади андоз (декларатсия)**	**Муҳлати пардохт**
Пардохт барои патент	Нест	Пардохти устувор Ҳангоми пешпардохт барои 3 моҳи оянда, пардохт барои патент то 10% кам карда мешавад Маблағи пардохт барои патент ба шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бе табаият ба андозаи дукарата ҳисоб карда мешавад (мутобиқи «Феҳристи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ҳамчунин мутобиқи андозаи пардохт барои патент», ки Ҳукумати ҶТ тасдиқ кардааст)	Моҳи тақвимӣ	Декларат-сия талаб карда намешавад Санади солонаи тафтиш то 1 марти ояндаи пас аз давраи ҳисоботӣ тартиб дода мешавад	Бо пешпардохт то санаи 5 моҳи ҷорӣ
3. **Режими андозбандии соддашуда барои ашхоси воқеӣ, ки дар асоси гувоҳнома фаъолияти соҳибкорӣ мекунанд**					
Соҳибкор–шахси воқеӣ, ки ба асоси гувоҳинома амал мекунад, вобаста аз намуди фаъолият метавонад 3 навъи режими махсуси андозро ба кор барад:					

1) режими соддашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;
2) режими соддашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;
3) режими махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ.

Соҳибкороне, ки дар як замон 2 режими махсуси андозро истифода мебаранд, вазифадоранд, ки баҳисобгирии алоҳидаи даромад, хароҷот ва амалиёти хоҷагидориро барои ҳар як режими истифодашуда анҷом диҳанд.

Шартҳои истифодаи режими соддашуда

Дар сурате, ки маҷмӯи даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси гувоҳнома тайи як соли тақвимӣ аз 1 000 000 сомонӣ бештар бошад, соҳибкор вазифадор аст, ки аризаро дар бораи қатъи фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси гувоҳнома дар зарфи 10 рӯзи тақвимӣ пас аз поён ёфтани соли ҳисоботӣ пешниҳод намояд.

Дар айни замон, соҳибкор имконият дорад бизнеси худро дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта, фаъолияти соҳибкориро идома диҳад.

Андози асосӣ, ки соҳибкори амалкунанда дар асоси гувоҳнома пардохт менамояд

Андоз	Объекти андозбандӣ / асоси андозбандӣ	Мизон (Ставка)	Давраи андоз /ҳисоботӣ	Муҳлати пешниҳоди санади андоз (декларатсия)	Муҳлати пардохт
Андози муқарраршуда мутобиқи истифодаи режими махсуси андоз	Андозсупоранда метавонад аз режимҳои зерини андоз истифода барад: –Режими соддашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд; –Режими соддашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ; –Режими махсуси андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ (Нигаред ба Режимҳои соддашуда ва махсус)				
Андози иҷтимоӣ аз соҳибкори инфиродӣ ба сифати суғурташуда	Маҷмӯи даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси гувоҳнома (бе кам кардан)	1%, (бо дарназардошти коффисиент и минтақавӣ), аммо на камтар аз баландатари ҳаҷми андози иҷтимоии муқарраршуда барои соҳибкори инфиродии	Семоҳа	Санаи 15 моҳи оянда пас аз семоҳаи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз семоҳаи ҳисоботӣ

		амалкунанда дар асоси патент, сарфи назар аз андозаи даромади дарёфтшуда			
Андози ичтимоӣ	Даромаде, ки ба ашхоси воқеӣ–кормандони кироя ба шакли музди меҳнат пардохта мешавад (Фонди пардохти ҳаққи меҳнат)	25% барои андоз аз суғуртакунанда 1% барои андоз аз суғурташаванда	Моҳи тақвимӣ барои андоз аз суғуртакунанда Семоҳа барои андоз аз суғурташавандa	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ
Андози даромад, ки бояд нигоҳ дошта шуда, соҳибкор ба сифати агенти андоз супорад	Даромаде, ки ба шахси ҳуқуқӣ ё шахси воқеӣ пардохта мешавад ва аз пардохткунанда мутобиқи Кодекси ҶТ андоз ситонида мешавад	6%-25% вобаста аз намуди даромади пардохтшаванда ва мақоми намояндагии (резидентии) шахси ҳуқуқӣ (дарёфткунандаи даромад)	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ
Андози арзиши илова аз ғайринамоянда (нерезедент)	Даромаде, ки ба ғайри намоянда пардохта мешавад ва аз пардохткунанда мутобиқи Кодекси ҶТ андоз ситонида мешавад	15% 8%-25% вобаста аз андозаи даромади пардохтшаванда ва мақоми намояндагии (резидентии) шахси воқеӣ (гирандаи даромад)	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ

Андози арзиши илова аз воридоти амвол ба ҶТ	Арзиши моли воридшаванда	18%	Моҳи таҚвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ

Режими содашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд
Режими соддашудаи андозбандӣ барои соҳибкорони хурд режими махсуси андоз мебошад, ки мутобиқи он субъектҳои соҳибкории хурд андоз аз фоида барои ашхоси ҳуқуқӣ ё андози даромад барои соҳибкорони инфиродиро ба тартиби сода (бо режими содашудаи андоз) мепардозанд. Режими соддашудаи андозбандӣ метавонад аз тарафи соҳибкорони инфиродии амалкунанда дар асоси гувоҳнома ва ашхоси ҳуқуқии ҷавобгӯ ба шартҳои муқарраршуда истифода бурда шавад.
Шартҳои истифодаи режими соддашуда
Режими соддашудаи андозбандӣ аз тарафи субъектҳои соҳибкории хурде истифода бурда мешавад, ки маҷмӯи даромади онҳо ҳисобшуда аз рӯйи методи хазинавӣ (кассавӣ) дар 12 моҳи комили (аз паси якдигар омада) ояндаи таҚвимӣ (бе дарназардошти андози аксиз ва андоз аз фурӯши (алюминийи аввалия) аз 1 000 000 бештар набошад. Ҳамчунин, режими содашудаи андозбандӣ аз тарафи субъектҳои соҳибкории хурди дубора ба қайд гирифташуда истифода бурда мешавад. Режими соддашудаи андозбандӣ барои фондҳои сармоягузорӣ, иштирокчиёни касбии бозори коғази қиматнок, ташкилотҳои суғурта ва қарзӣ, ташкилотҳои қарзии хурд, гаравхонаҳо (ломбардҳо), истифодабарандагони маъдан, таъминкунандагони алюминийи аввалия, истеҳсолкунандагони маҳсулоти аксиздор, ташкилотҳои миёнарав (амалкунанда дар асоси шартномаҳои комиссияҳо, супориш ва дигар шартномаҳои миёнарав) қобили истифода намебошад. Дар сурате, ки маҷмӯи даромади (аз ҷумла, даромадҳои дигари дарёфтшуда ҳангоми истифодаи режимҳои дигари андоз), ҳисобшуда аз рӯйи методи хазинавӣ (кассавӣ) дар муддати 12 моҳи ояндаи таҚвимӣ (бе баҳисобгирии андози аксиз ва андоз аз фурӯши алюминийи аввалия), бештар аз 1 000 000 сомонӣ бошад, он гоҳ ин андозсупор вазифадор аст, ки дар муҳлати на бештар аз 10 рӯзи таҚвимӣ маҚоми андози маҳали истиҚомати худро ба таври хаттӣ дар бораи маҷмӯи даромади худ огоҳ намуда, аризаро барои гузаштан ба режими умумии андоз пешниҳод намояд. Дар сурате, ки аз рӯйи натиҷаи давраи гузаштаи на бештар аз 12 моҳи таҚвимӣ маҷмӯи даромади истифодабарандаи режими умумии андоз камтар аз 1 000 000 бошад ва агар баъд аз гузариши охирон аз режими содашудаи андозбандӣ ба режими умумии андоз 36 моҳи таҚвимӣ гузашта бошад, ин андозсупоранда вазифадор аст, ки дар муҳлати на бештар аз 10 рӯзи таҚвимӣ маҚоми андози маҳали истиҚомати худро ба таври хаттӣ дар

бораи маҷмӯи даромади худ огоҳ намуда, аризаро барои гузаштан ба режими содашуда пешниҳод намояд.

Талабот ба баҳисобгирии андоз ва муҳосибот

Андозсупорандагон вазифадоранд, ки ба мақсади муайян кардани асоси андоз маҷмӯи даромади худро ҳисоб кунанд. Андозсупорандагон метавонанд низоми соддашудаи муҳосиботи муқарраршуда аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба кор баранд.

Имтиёзҳо, озод кардан аз андоз

Андозсупорандае, ки андозро аз рӯйи режими соддашуда мепардозад, аз пардохти андози зерин озод аст:

- андоз аз фоида, ба истиснои даромадҳое, ки андоз аз онҳоро пардохткунанда нигоҳ медорад;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои мошингард;
- андози даромад бевосита аз даромади соҳибкори инфиродии амалкунанда ба асоси гувоҳнома, ба истиснои даромаде, ки андоз аз онро пардохткунанда нигоҳ медорад;
- андоз аз арзиши илова, ба истиснои андози арзиши илова ҳангоми овардани амвол ба ҳудуди гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андоз аз арзиши иловаи ғайринамоянда (нерезидент) аз пардохткунанда ситонида мешавад.

Ба андозсупоранда имтиёзи ҳаммонанд бо имтиёз барои андоз аз фоида вогузор мегардад.

Андози асосӣ, ки андозсупоранда дар доираи режими содашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд мепардозад

Андоз	Объекти андозбандӣ / асоси андозбандӣ	Мизон (ставка)	Давраи андоз /ҳисоботӣ	Муҳлати пешниҳоди санади андоз (декларатсия)	Муҳлати пардохт
Андози соддашуда	Маҷмӯи даромади ҳисобшуда аз рӯйи методи хазинавӣ* (кассавӣ) (ба истиснои даромаде, ки андоз аз онҳоро пардохткунанда нигоҳ медорад ва бе баҳисобгирии андози аксиз ва андоз аз фурӯши алюминийи	5% барои фаъолияти истеҳсоли амвол 6% барои дигар навъҳои фаъолият	Семоҳа	Санаи 10 моҳи оянда пас аз семоҳаи ҳисоботӣ	Санаи 10 моҳи оянда пас аз семоҳаи ҳисоботӣ

	аввалия) *Дар сурати амалӣ нашудани ҳисоби мутақобила барои амвол, кор ё хизматрасонии анҷомдодашуда аз тарафи андозсупор тайи бештар аз 6 моҳи тақвимӣ ба мақсади ҳисоб кардани андоз аз рӯйи режими содашуда, амвол (кор, хизматрасонии) мазкур пардохташуда ба андозсупор ҳисоб карда мешаванд				
Андози иҷтимоӣ	Даромаде, ки ба ашхоси воқеӣ – кормандони кироя ба шакли музди меҳнат пардохта мешавад (Фонди пардохти ҳаққи меҳнат)	25% барои андоз аз суғуртакунан-да 1% барои андоз аз суғурташаван-да	Моҳи тақвимӣ барои андоз аз суғуртакунанда Семоҳа барои андоз аз суғурташавандa	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ
Андози даромад, ки бояд нигоҳ дошта шуда, андозсупор ба сифати агенти андоз супорад	Даромаде, ки ба шахси ҳуқуқӣ ё шахси воқеӣ пардохта мешавад ва пардохткунанда тибқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди андозбандӣ қарор мегирад	4%-25% вобаста аз навъи даромади пардохтшаванда ва мақоми намояндагии (резидентии) шахси ҳуқуқӣ (дарёфткунандаи даромад) 8%–25%	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ

		вобаста аз андозаи даромади пардохтшаванда ва мақоми намояндагии (резидентии) шахси воқеӣ (дарёфткунандаи даромад)			
Андози арзиши илова аз ғайринамояндa (нерезидент)	Даромаде, ки ба ғайринамоянда (нерезидент) пардохта мешавад ва пардохткунанда мутобиқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди андозбандӣ қарор мегирад	15%	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ
Андози арзиши илова аз воридоти амвол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон	Арзиши моли воридшаванда	18%	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ

Режими соддашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона)
Режими соддашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона) режими махсуси андоз барои субъектҳои соҳибкорӣ мебошад, ки маҳсулоти кишоварзиро бе коркарди минбаъдаи он истеҳсол мекунанд. Андози ягона аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие ба кор бурда мешавад, ки замин барои онҳо воситаи асосии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Таҳти маҳсулоти кишоварзӣ натиҷаи ибтидоии (маҳсули) парвариши маҳсулоти кишоварзӣ фаҳмида мешавад, ки мавриди коркарди минбаъда қарор намегирад.
Шартҳои ба кор гирифтани режими соддашудаи андоз
Режими соддашудаи андозбандӣ аз тарафи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие истифода бурда мешавад, ки маҷмӯи даромади онҳо ҳисобшуда аз рӯйи методи хазинавӣ (кассавӣ) дар соли тақвимӣ (бе

дарназардошти андози аксиз ва андоз аз фурӯши (алюминийи аввалия) аз 1 000 000 бештар набошад.

Ҳамчунин, режими соддашудаи андозбандӣ аз тарафи истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзии дубора ба қайд гирифташуда истифода бурда мешавад.

Дар сурате, ки маҷмӯи даромади андозсупоранда (ҳисобшуда аз рӯйи методи хазинавӣ (кассаӣ) тайи давраи гузаштаи на бештар аз 12 моҳи тақвимӣ беш аз 1 000 000 сомонӣ бошад, он гоҳ андозсупор вазифадор аст, ки на дертар аз 10 январи соли оянда аризаро ба мақоми дахлдор дар бораи гузаштан ба режими андози умумӣ пешниҳод намояд.

Дар сурате, ки маҷмӯи даромади андозсупор, ки режими умумии андозро истифода мебарад, тайи давраи гузаштаи на бештар аз 12 моҳи тақвимӣ камтар аз 1 000 000 сомонӣ бошад ва агар баъд аз гузариши охирон аз режими соддашудаи андоз ба режими умумӣ на камтар аз 3 соли тақвимӣ гузашта бошад, ин андозсупор вазифадор аст, ки дар муҳлати на дертар аз 10 январи соли оянда аризаро ба мақомоти дахлдори андоз дар бораи гузаштан аз режими умумии андоз ба пардохти андози ягона пешниҳод намояд.

Талабот ба баҳисобгирии андоз ва муҳосибот

Андозсупорандагон вазифадоранд, ки андози фаъолияти худро, ки барои ҳисоб кардани маҷмӯи даромад тайи соли тақвимӣ зарур аст, ба асоси баҳисобгирии муҳосиботӣ анҷом диҳанд. Андозсупорандагон метавонанд ҳисоби даромад ва хароҷотро ба мақсади андозбандӣ, дар дафтарчаи бақайдгирии даромад ва хароҷоти соҳибкории хурд–истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки шакл ва тартиботи пур кардани онро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, анҷом диҳанд.

Имтиёзҳо, озод кардан аз андоз

Андозсупорандаи андози ягона аз пардохти андози зерин озод карда мешаванд:

1) андоз аз фоида (андоз аз рӯйи режими содашуда барои субъектҳои бизнеси хурд), ба истиснои даромаде, ки андоз аз он аз пардохткунанда ситонида мешавад;

2) андоз аз арзиши илова, ба истиснои андоз аз арзиши илова, ки бояд ҳангоми ворид кардани мол ба қаламрави гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад, ё дар сурати амалиёте, ки пардохткунанда андозбандӣ мешавад;

3) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои мошингард;

4) андоз аз замин.

Аз андози даромад аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки андози ягонаро аз фаъолияти кишоварзӣ бе ташкили шахси ҳуқуқӣ пардохт менамоянд, озод карда мешаванд.

Андози асосӣ, ки андозсупорандагон дар доираи режими содашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ месупоранд					
Андоз	**Объекти андозбандӣ / асоси андозбандӣ**	**Мизон (Ставка)**	**Давраи андоз /ҳисоботӣ**	**Муҳлати пешниҳоди санади андоз (декларатсия)**	**Муҳлати пардохт**
Андози ягона	Масоҳати қитъаи замини истифодашавандаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои замини озодшуда аз андози ягона	Мизони андоз аз натиҷаи фаъолияти истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ вобаста набуда, ба шакли пардохт барои масоҳати замини вобаста муқаррар карда мешавад Мизони (ставкаи) андози ягона барои ҳавзаи кадастр бо дарназардошти минтақаҳои кӯҳистонӣ аз тарафи Ҳукумати ҶТ барои ҳар як гектар замин дар ҳар як 5 соли тақвимӣ муқаррар карда мешавад. Барои замини кишти обёришаванда, ки барои парвариши пахта истифода мешавад, ставка ба андозаи нисф	Соли тақвимӣ	1 марти соли ҷорӣ	Ба % афзуншавандаи аз аввали сол: 1) 10 март– ба андозаи камтар аз 15% маблағи андози солона; 2) 10 июн – ба андозаи на камтар аз 30% маблағи андози солона; 3) 10 сентябр – ба андозаи на камтар аз 50% маблаги андози солона 4)10 декабр – ба андозаи 100% маблаги андози солона

		муқаррар карда мешавад. Мизони андоз ҳамасола тибци сатҳи таваррум дар соли пешинаи таҚвимӣ индексатсия мешавад.			
Андози иҷтимоӣ	Даромаде, ки ба ашхоси воқеӣ – кормандони кироя ба шакли музди меҳнат пардохта мешавад (Фонди пардохти ҳаққи меҳнат)	25% андоз аз суғуртакунанда 1% андоз аз суғурташаванда	Моҳи таҚвимӣ барои андоз аз суғуртакунанда Семоҳа барои андоз аз суғурташаванда	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ
Андози даромад, ки бояд нигоҳ дошта шуда, андозсупор ба сифати агенти андоз супорад	Даромаде, ки ба шахси ҳуқуқӣ ё шахси воқеӣ пардохта мешавад ва пардохткунанда мутобиқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди андозбандӣ қарор мегирад	4%-25% вобаста аз навъи даромади пардохтшаванда ва мақоми намояндагии (резидентии) шахси ҳуқуқӣ (дарёфткунандаи даромад) 8%–25% вобаста аз навъи даромади пардохтшаванда ва мақоми намояндагии (резидентии) шахси воқеӣ (дарёфткунандаи даромад)	Моҳи таҚвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ

Андози арзиши илова аз ғайринамоянда (нерезидент), ки бояд нигоҳ дошта шавад ва аз тарафи соҳибкор чун агенти андоз пардохта мешавад	Даромаде, ки ба ғайринамоянда (нерезидент) пардохта мешавад ва пардохткунанда тибқи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди андозбандӣ қарор мегирад	15%	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ
Андози арзиши илова аз воридоти амвол ба ҶТ	Арзиши моли воридшаванда	18%	Моҳи тақвимӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ	Санаи 15 моҳи оянда пас аз давраи ҳисоботӣ

ҶАВОБГАРИИ АНДОЗСУПОРАНДА БАРОИ РИОЯ НАКАРДАНИ ҚОНУНГУЗОРИИ АНДОЗӢ

Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима барои напардохтани қарзи андоз ба андозаи 0,05 дарсади маблағи қарз барои як рӯзи тақвимиро пешбинӣ менамояд. Дар сурати бозпардохти қарзи андоз, аввал қарзи асосии андоз пардохта мешавад ва баъд ҷарима. Андозпардозоне, ки қонунгузории андозро вайрон мекунанд, аз тарафи мақомоти андоз чун андозсупорандагони беинсоф ба дафтарчаи қайд (реестр) дохил карда мешаванд. Дар чунин маврид андозсупоранда наметавонад аз имтиёзҳои гуногун истифода барад.

Навъҳои вайронкунии қонунгузорӣ ва андозаи ҷарима тавассути Кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Мизони ҷарима ба андозаи нишондиҳандаҳои минималӣ барои ҳисоб (50 сомонӣ)*, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, муайян карда мешавад.

Ҷарима барои ҳуқуқвайронкунӣ, ки тайи давраи муайян содир шудааст, метавонад, чандин маротиба афзоиш ёбад.

Барои напардохтани андоз ба мизони зиёд ҳамчунин масъулияти ҷиноӣ барои роҳбарон пешбинӣ шудааст.

Ҷаримаи асосӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории андоз (бо сомонӣ)				
№	**Навъҳои ҳуқувайронкунии маъмурӣ**	**Барои ашхоси воқеӣ**	**Барои соҳибкори инфиродӣ, ки дар асоси Патент фаъолият мекунад**	**Барои ашхоси мансабдор**
1	Сарпечӣ аз пардохтани андоз ва дигар намудҳои пардохт, ки дар пинҳон кардани объектҳои андозбандишаванда ифода меёбад, дар сурати мавҷуд набудани аломати ҷиноят	аз 400 то 500		аз 2000 то 2500
2	Набудани баҳисобгирии муҳосиботӣ ё бо вайроншавии тартиботи муқарраршуда бурда шудани он, таҳрифи баҳисобгирии муҳосиботӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани муҳосибот, тавозун, ҳисобот, декларатсия ва дигар санадҳои алоқаманд бо пардохти андоз ва дигар уҳдадориҳои пардохт ба буҷет, дар сурати набудани аломати ҷиноят			аз 2000 то 2500
3	Риоя накардани қоидаи истеҳсолот, рехтани маҳсулот ба зарф (бастабандӣ) ва нигоҳдории маҳсулоти аксиздор бе ҳисобкунаки дорои хотираи фискалӣ			аз 4000 то 5000
4	Фурӯш, нигоҳдорӣ (ё) ҳамлу нақли бор бе тамғаи аксизӣ			аз 4000 то 5000
5	Иҷро накардани талаботи қонунии мансабдорони мақоми андоз	аз 400 то 500	аз 750 то 1000	аз 500 то 1000
6	Айни амали пешбинишуда дар қисми якуми моддаи мазкур, ки тайи як соли баъд аз ҷаримаи маъмурӣ такроран содир мешавад	аз 750 то 1000	аз 1250 то 1500	аз 2000 то 2500
7	Риоя накарани муҳлати муқарраршудаи пешниҳоди декларатсияи андоз, ҳисоботи андоз ва дигар навъҳои ҳисоботи андоз, яъне таъхир то 10 рӯзи корӣ	аз 50 то 150		аз 250 то 350
8	Содир кардани амали пешбинишуда дар қисми якуми моддаи мазкур дар зарфи аз 10 то 30 рӯзи корӣ	аз 150 то 250		аз 750 то 500
9	Содир кардани амали пешбинишуда дар қисми якуми моддаи мазкур дар зарфи бештар аз 30 рӯзи корӣ	аз 250 то 500		аз 500 то 1500
10	Вайрон кардани тартиботи гирифтани андоз аз пардохткунанда ва андоз аз ғайринамоянда (нерезидент), ҳамчунин, нигоҳ надоштан ё ворид накардан ба буҷаи давлатӣ ё фонди давлатии андози нигоҳдоришуда (ҳисобшуда) дар муҳлати муқарраргардида			аз 1250 то 1500

11	Аз тарафи андозсупоранда ё намояндаи (агенти) андоз дар декларатсия ё ҳисобот кам нишон додани маблаги андоз ё дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба муқоисаи маблаге, ки бояд дар декларатсия ё ҳисобот зикр карда шавад	25%	25%	25%
12	Ғайриқонунӣ пешниҳод кардан ё қабули ҳисоб-фактури андоз аз арзиши илова ё аксиз, дар ҳоле, ки амалиёти андозбандӣ анҷом нагирифтааст, дар сурати мавҷуд набудани аломати ҷиноят			15000
13	Пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардани санади муқоисаи ҳисоби мутақобила ба ба мақомоти андоз		аз 1000 то 1500	аз 2000 то 2500
14	Сари вақт пешниҳод накардани санадҳои зарурӣ, монеа кардан ё рад намудани талаботи қонунии мақомоти андоз дар бобати ба онҳо пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо барои тафтиш, ҳисобот ё дигар маълумоти вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ		аз 750 то 1000	аз 2000 то 2500
15	Ғайриқонунӣ монеа расонидан барои мансабдорони мақомоти андоз, ки санҷиши андозро дар ҳудуди муассиса ё бинои андозсупор мегузаронанд, ба ғайр аз бинои истиқоматӣ	аз 750 то 1000	аз 1000 то 1500	аз 2000 то 2500
16	Таъмин накардани ҳифзи санадҳои вобаста ба истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии (кассавии) дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла наворҳои назоратӣ			аз 2000 то 2500
17	Вайрон кардани тартиботи истифодаи дастгоҳои назоратӣ-хазинавии (кассавии) дорои хотираи фискалӣ (ҳисоб кардани пули нақд), ҳамчунин, анҷом додани ҳисоби мутақобила бо истифодабарандагон ҳангоми фурӯши амвол ва ҳангоми хизматрасонӣ бе додани расид, билет, талон, аломати пардохт ба воситаи почта ё дигар санадҳои ҳисоботии баробар бо чек			аз 4000 то 5000
18	Айни ҳамин амал, пешбинишуда дар қисми аввали моддаи мазкур, ки тайи як сол баъд аз ҷазои маъмурӣ такроран содир мешавад			аз 9000 то 10000
19	Роҳандозии ҳисоб бо истифодабарандагон ба воситаи пули нақд бе истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ- хазинавии (кассавии) дорои хотираи фискалӣ, дар сурате, ки истифодаи чунин дастгоҳҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад			аз 9000 то 10000
20	Сарпечӣ аз насб кардани терминалҳои электронӣ ё рад кардани истифодаи кортҳои бонкии пардохт дар ҳисоби мутақобила			аз 5000 то 8000

21	Пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирии давлатӣ	аз 1500 то 2000		
22	Соҳибкории дурӯғин, яъне таъсиси шахси ҳуқуқӣ ё гузаштани бақайдгирии давлатӣ аз тарафи соҳибкори инфиродӣ бе ҳадафи пашбурди фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба мақсади ба даст овардани фоида бе андозбандӣ, бо роҳи сарпечӣ аз пардохти андоз аҷом мегирад, бе мавҷудияти аломати ҷиноят			аз 5000 то 7500

Ҷаримаи асосӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи қонунгузории андоз (бо сомонӣ)			
№	**Навъҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ**	**Барои соҳибкори инфиродӣ, ки ба асоси гувоҳнома фаъолият мекунад**	**Барои ашхоси ҳуқуқӣ**
1	Сарпечӣ аз пардохтани андоз ва дигар намудҳои пардохт, ки дар пинҳон кардани объектҳои андозбандишаванда ифода меёбад, дар сурати мавҷуд набудани аломати ҷиноят	аз 7500 то 10000	аз 7500 то 10000
2	Набудани баҳисобгирии муҳосиботӣ ё бо вайроншавии тартиботи муқарраршуда бурда шудани он, таҳрифи баҳисобгирии муҳосиботӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани муҳосибот, тавозун, ҳисобот, декларатсия ва дигар санадҳои алоқаманд бо пардохти андоз ва дигар уҳдадориҳои пардохт ба буҷа, -дар сурати набудани аломати ҷиноят	аз 7500 то 10000	аз 7500 то 10000
3	Риоя накардани қоидаи истеҳсолот, рехтани маҳсулот ба зарф (бастабандӣ) ва нигоҳдории маҳсулоти аксиздор бе ҳисобкунаки дорои хотираи фискалӣ		аз 16500 то 17500
4	Фурӯш, нигоҳдорӣ (ё) ҳамлу нақли бор бе тамғаи аксизӣ	аз 80 % то 100%	аз 80 % то 100%
5	Иҷро накардани талаботи қонунии мансабдорони мақоми андоз	аз 4000 то 5000	аз 4000 то 5000
6	Айни амали пешбинишуда дар қисми якуми моддаи мазкур, ки тайи як соли баъд аз ҷаримаи маъмурӣ такроран содир мешавад	аз 10000 то 12500	аз 10000 то 12500

7	Риоя накарани муҳлати муқарраршудаи пешниҳоди декларатсияи андоз, ҳисоботи андоз ва дигар намудҳои ҳисоботи андоз, яъне таъхир то 10 рӯзи корӣ	аз 1250 то 1500	аз 1250 то 1500
8	Содир кардани амали пешбинишуда дар қисми якуми моддаи мазкур дар зарфи аз 10 то 30 рӯзи корӣ	аз 2250 то 2500	аз 2250 то 2500
9	Содир кардани амали пешбинишуда дар қисми якуми моддаи мазкур дар зарфи бештар аз 30 рӯзи корӣ	аз 4500 то 5000	аз 4500 то 5000
10	Вайрон кардани тартиботи гирифтани андоз аз пардохткунанда ва андоз аз ғайринамоянда (нерезидент) , ҳамчунин нигоҳ надоштан ё ворид накардан ба буҷаи давлатӣ ё фонди давлатии андози нигоҳдоришуда (ҳисобшуда) дар муҳлати муқарраргардида	аз 9000 то 10000	аз 9000 то 10000
11	Аз тарафи андозсупоранда ё намояндаи (агенти) андоз дар декларатсия ё ҳисобот кам нишон додани маблағи андоз ё дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба муқоисаи маблаге, ки бояд дар декларатсия ё ҳисобот зикр карда шавад	25%	25%
12	Анҷоми фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирии андози арзиши илова, агар чунин бақайдгирӣ ҳатмӣ бошад		25%
13	Нодуруст пешниҳод намудани ҳисоб – фактури андоз аз арзиши илова ва аксиз, ки боиси кам шудани андоз аз арзиши илова ва аксиз ё баланд шудани маблаги ҳисобшуда мегардад, ҳамчунин, пешниҳод накардани ҳисоб-фактури андоз аз арзиши илова ва аксиз		50%
14	Ғайриқонунӣ пешниҳод кардан ва қабули ҳисоб-фактури андоз аз арзиши илова ва аксиз, дар ҳоле, ки амалиёти андозбандӣ дар ҳақиқат анҷом нагирифтаааст, дар сурати мавҷуд набудани аломати ҷиноят	50%	50%
15	Пешниҳод накардан ё ба мавқеъ пешниҳод накардани санади муқоисаи ҳисоби мутақобила ба мақомоти андоз	аз 4000 то 5000	аз 4000 то 5000
16	Саривақт пешниҳод накардани санадҳои зарурӣ, монеа кардан ё рад намудани талаботи қонунии мақомоти андоз дар бобати ба онҳо пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳо барои тафтиш, ҳисобот ё дигар маълумоти вобаста ба фаъолияти соҳибкорӣ	аз 2000 то 2500	
17	Ғайриқонунӣ монеа расонидан барои мансабдорони мақомоти андоз, ки санҷиши андозро дар ҳудуди муассиса ё бинои андозсупор мегузаронанд, ба ғайр аз бинои истиқоматӣ	аз 2000 то 2500	

18	Таъмин накардани ҳифзи санадҳои вобаста ба истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии (кассавии) дорои хотираи фискалӣ, аз ҷумла наворҳои назоратӣ	аз 4000 то 5000	аз 4000 то 5000
19	Вайрон кардани тартиботи истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии (кассавии) дорои хотираи фискалӣ (ҳисоб кардани пули нақд), ҳамчунин анҷом додани ҳисоби мутақобила бо истифодабарандагон ҳангоми фурӯши амвол ва ҳангоми хизматрасонӣ бе додани расид, билет, талон, аломати пардохт ба воситаи почта ё дигар санадҳои ҳисоботии баробар бо чек	аз 9000 то 10000	аз 9000 то 10000
20	Айни ҳамин амал, пешбинишуда дар қисми аввали моддаи мазкур, ки тайи як сол баъд аз ҷазои маъмурӣ такроран содир мешавад	аз 12500 то 15000	аз 12500 то 15000
21	Роҳандозии ҳисоб бо истифодабарандагон ба воситаи пули нақд бе истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавии (кассавии) дорои хотираи фискалӣ, дар сурате, ки истифодаи чунин дастгоҳҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошад	аз 12500 то 15000	аз 12500 то 15000
22	Сарпечӣ аз насб кардани терминалҳои электронӣ ё рад кардани истифодаи кортҳои бонкии пардохт дар ҳисоби мутақобила	аз 8000 то 9000	аз 9000 то 10000
23	Соҳибкории дурӯғин, яъне таъсиси шахси ҳуқуқӣ ё гузаштани бақайдгирии давлатӣ аз тарафи соҳибкори инфиродӣ бе ҳадафи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, ки ба мақсади ба даст овардани фоида бе андозбандӣ, бо роҳи сарпечӣ аз пардохти андоз аҷом мегирад, бе мавҷудияти аломати ҷиноят	аз 5000 то 7500	аз 10000 то 12500

Созишнома дар бораи пешгирии андозбандии дуҷониба

Кишварҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо Созишнома дар бораи пешгирии андози дуҷониба имзо кардааст:

- Аморати Муттаҳидаи Араб
- Арманистон
- Белгия
- Белорус
- Индонезия
- Латвия
- Қазоқистон
- Қирғизистон
- Молдова
- Озарбойҷон
- Олмон
- Покистон
- Руминия
- Федератсияи Русия
- Чин
- Украина
- Ҳиндустон
- Эрон

Маркази хизматрасонӣ ба андозсупорандагон барои онҳо дар иҷрои уҳдадориҳои андоз ва пур кардани декларатсияи электронӣ бо кумаки терминалҳои электронӣ мадад мерасонад.

Воҳиди “Равзанаи ягона”-и Кумитаи андоз назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксар минтақаҳои Тоҷикистон мавҷуд буда, барои субъектҳои андоз хизматрасонии зеринро анҷом медиҳад:

- бақайдгирии соҳибкорони хусусӣ ва ашхоси ҳуқуқӣ;
- аз байн бурдани субъектҳои андоз;
- ворид кардани тағйирот.

Алҳол 15 навъи хизматрасонӣ вуҷуд доранд, ки ба андозсупоранда ба шакли электронӣ хизмат мерасонанд:
• Ҳуҷраи (кабинети) шахсии андозсупоранда (Супоридани декларатсия дар шакли электронӣ, дарёфти санад-муқоиса, ҳамчунин, аз назар гузаронидани варақаҳои (карточкаҳои) шахсӣ); • Ҳуҷраи шахсии тарҳҳои грантӣ (Супоридани декларатсия дар шакли электронии тарҳҳои грантӣ); • Ҷустуҷӯйи рақами мушаххаси андозсупоранда аз рӯйи ному насаб; • Ҳуҷраи қайди (реестри) ягонаи давлатӣ (Маълумот дар бораи субъектҳо дар қайди давлатӣ); • Пешниҳоди санадҳо барои қайдгирии давлатӣ; • Андози даромад аз иҷора; • Тафтиши электронии санадҳо; • Портали хизматрасонии электронӣ (Супоридани декларатсияи электронӣ барои хизматчиёни давлатӣ); • Ҳисоб-фактураи электронии андоз аз арзиши илова (Маълумот дар бораи ашхоси ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ); • Калкулятори андоз (Калкулятор доир ба андоз аз даромад, оид ба андози нақлиёт, оид ба андоз аз амволи ғайриманқул ва оид ба андози замин); • Қайди Онлайн барои қабул дар Кумитаи андоз; • Онлайн–мушовир (Машварат бо мушовири Кодекси андоз ва дастурамал дар режими онлайн (чат); • Пардохти андоз бо истифодаи кортҳои бонкӣ; • Саволҳо ва пешниҳодҳо (доир ба Кодекси андоз ва дастурамалҳо); • Кодекси андоз барои Android.

3.2. Имтиёзҳо ва преференсҳои андозӣ

Режимҳои имтиёзноки андоз

- **Андозбандии сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ:**

• Дар давраи сохтмони неругоҳи барқи обӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоишдиҳандаи сохтмон ва пудратчии генералии сохтмон метавонанд комилан ё қисман аз пардохти андози зерини бевосита алоқаманд бо сохтмон озод карда шаванд: –андоз аз арзиши илова; –андоз аз истифодабарандагони роҳҳои мошингард; –андоз аз фоида (андоз аз рӯйи режими содашуда); –андоз аз воситаҳои нақлиёт; –андоз аз амволи ғайриманқул; –андози иҷтимоӣ аз шаҳрвандони хориҷии бевосита машғул дар сохтмони неругоҳ; –боҷи давлатӣ барои бақайдгирии проспектҳои эмиссияи коғазҳои қиматноки ғайридавлатӣ, ки дар иртибот ба сохтмони неругоҳи барқи обӣ анҷом мегирад.
• таъминкунандагони амвол (кор, хизматрасонӣ) барои сохтмони неругоҳи барқи обӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд комилан ё қисман аз андози арзиши илова озод карда шаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд:

- муҳлат, навъ ва андозаи озод кардани аз андоз, ки аз рӯйи онҳо имтиёз вогузор мешавад;
- фармоишдиҳандаи сохтмони неругоҳи обии барқӣ ва пудратчии генералии сохтмони неругоҳ (бо пешниҳоди Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- давраи (муҳлати) сохтмони неругоҳи барқи обӣ, ки якҷо бо фармоишдиҳандаи сохтмони неругоҳ ва пудратчии генералии сохтмон муайян мегардад (бо пешниҳоди Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дастурамалро оид ба анндозбандии сохтмони неругоҳи обии барқӣ, ҳамчунин, намуди декларатсия (ҳисобот)-ро тасдиқ менамояд.

Андозсупорандагон ашхоси ҳуқуқӣ: фармоишдиҳандаи сохтмон ва пудратчии генералии сохтмон, ҳамчунин, дигар таъминкунандагон амвол (кор, хизматрасонӣ), супоришдиҳанда ё пудратчии генералии сохтмони

неругоҳи обии барқӣ мебошанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст.

➢ **Хусусиятҳои андозбандии муассисаҳои навтаъсис ва фаъол, ки дар соҳаи коркард машғуланд:**

• муассисаҳое, ки ба давраи (сикли) комили коркарди пахта машғуланд (аз нахи пахта то маснуоти дӯзандагии пахтагӣ), аз пардохти андоз аз фоида (андози пардохтшаванда аз рӯйи низоми содашуда) ба муҳлати то 12 сол озод карда мешаванд–барои муассисаҳои навтаъсис аз 1 январи соли бақайдгирии давлатӣ ва барои муассисаҳои фаъол аз 1 январи соли 2018;
• муассисаҳои навтаъсис ва фаъол, ки ба давраи (сикли) комили коркарди пахта машғуланд (аз нахи пахта то маснуоти дӯзандагии пахтагӣ), аз пардохти андоз аз амволи ғайриманқул ба муҳлати 12 сол озод карда мешаванд, барои муассисаҳои навтаъсис аз 1 январи соли бақайдгирии давлатӣ ва барои муассисаҳои фаъол аз 1 январи соли 2018;
• муассисаҳои навтаъсис ва фаъол, ки ба коркарди саноатии чарм, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми кишоварзӣ машғуланд, аз пардохти андоз аз фоида (андози пардохташаванда аз рӯйи низоми содашуда), андоз аз амволи ғайриманқул то 5 сол озод карда мешаванд, барои муассисаҳои навтаъсис аз 1 январи соли бақайдгирии давлатӣ ва барои муассисаҳои фаъол аз 1 январи соли 2018.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдор дар соҳаи саноат феҳристи муассисаҳои навтаъсис ва фаъол, имтиёзҳои андоз ва муҳлати эътибори имтиёзҳои андозро муайян менамояд, ҳамчунин, муҳлати оғози сохтмон ва вориди баҳрабардорӣ кардани объектҳои ҳар як давраи (сикли) коркарди пахта муайян карда мешавад.

Муҳлати таъсиси ҳар як давраи (сикли) коркард бояд тавассути ҳисоби техникӣ-иқтисодӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ асоснок карда шавад. Дар бораи оғози кори таъсиси объектҳои ҳар як давра (сикл) ва вориди баҳрабардорӣ кардани ҳар як давраи (сикли) коркард, муассисаи таъсисёфта мақоми ваколатдори давлатӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати созмондиҳии ҳисоби махсус (алоҳида) ба мақсади дарёфти имтиёз аз рӯи режими мазкури андоз ба таври хаттӣ огоҳ менамояд.

Барои муассисаҳои навтаъсис имтиёзҳои тасдиқшуда аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 1 январи соли бақайдгирии давлатӣ амал мекунанд. Агар муассисаи навтаъсис дар муҳлати муқарраркардаи Ҳукумат ба таъсиси давраи (сикли) ояндаи коркард шурӯъ накунад, имтиёзҳои андоз амали худро қатъ менамоянд (бо ташаббуси Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон). Дар айни замон, маблағи имтиёзҳои андоз, ки

муассисаи навтаъсис аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ то лаҳзаи бекор шудани ин имтиёзҳо дарёфт намудааст, аз рӯйи ставкаи амалкунанда дар давраи дарёфти имтиёзҳои андоз баровард шуда, зимни ҳисоб кардани фоиз (дарсад) ва ҷарима (ҷуброн) ба буҷет ворид карда мешавад.

Барои муассисаҳои навтаъсис ва фаъол муҳлати нигоҳдории санадҳои ҳисоб, ҳамчунин, муҳлати мурур то давраи вогузории имтиёзҳои андоз зиёд карда мешавад.

Андозсупорандагон ашхоси ҳуқуқӣ: муассисаҳои навтаъсис ва фаъоли тасдиқшуда аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Ҳамчунин аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад имтиёзҳои андоз барои муассисаҳои коркарди саноатии чарм, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми кишоварзӣ барои муҳлати то 5 сол вогузор шавад.

- **Муассисаҳои бақайдгирифташуда дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз пардохти тамоми андоз, ба истиснои андози даромад ва андози иҷтимоӣ озод карда мешаванд;**
- **Имтиёз барои ҳаҷми сармоягузорӣ.**

Муассисаҳои навтаъсис доир ба истеҳсоли амвол аз пардохти андоз аз даромад озод карда мешаванд, ба шарте, ки муассисони онҳо тайи 12 моҳ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба ҳаҷми зерин сармояро ба фонди низомномавӣ ворид намоянд:
• ба муҳлати 2 сол, агар ҳаҷми маблағ бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА бошад;
• ба муҳлати 3 сол, агар ҳаҷми маблағ бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА бошад;
• ба муҳлати 4 сол, агар маблағ бештар аз 2 миллион то 5 миллион миллион доллари ИМА бошад;
• ба муҳлати 5 сол, агар маблағ бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошад.

- **Хусусиятҳои андозбандии муассисаҳои мурғпарварӣ, муассисаҳо доир ба истеҳсоли хӯрокаи омехта барои мурғ ва чорво:**

• муассисаҳои мазкур аз пардохти андози зерин ба муҳлати 6 сол озод карда мешаванд: андоз аз фоида, андоз аз арзиши иловагӣ, андоз аз истифодабарандагои роҳҳои мошингард, андоз аз амволи ғаримаҳкул;
• муассисаҳои мурғпарварӣ ва муассисаҳое, ки машғул ба истеҳсоли хӯрокаи омехта барои мурғ ва чорво мебошанд (минбаъд дар ин матн “муассиса” ном бурда мешаванд), аз пардохти андоз (андоз аз даромад; андоз аз арзиши илова; андоз аз истифодабарандагони роҳҳои мошингард; андоз аз амволи ғайриманқул) ба муҳлати 6 сол озод карда мешаванд.

Муҳлати нигоҳдории санадҳо, ҳамчунин, муҳлати мурури даъво то муҳлати вогузории имтиёзи андоз тамдид (дароз) карда мешавад.

Андозсупорандагон муассисаҳои мурғпарварӣ ва муассисаҳои машғул ба истеҳсоли хӯрокаи омехта барои мурғ ва чорво мебошанд.

- **Хусусиятҳои андозбандии фаъолияти сайёҳӣ:**

• даромад аз фаъолияти сайёҳӣ аз андози даромад ба муҳлати 5 сол аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ озод карда мешавад;
• вогузории имтиёз барои субъектҳои сайёҳии дохилии машғул ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ дар замони фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ ба муҳлати то 3 сол;
• аз тафтиш озод намудани субъектҳои туризми дохилии машғул ба истеҳсоли маҳсулоти сайёҳӣ дар зарфи 5 соли аввал.

- **Хусусиятҳои андозбандии субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок**

• Андозсупорандагон– иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок аз андози фоида ва андоз аз арзиши илова озод карда мешаванд.
• Андозсупорандагон–эмитентҳо ба муҳлати 5 сол аз пардохти андози фоида аз даромади дарёфтшуда (андоз аз рӯйи режими сода) аз фаъолияти мазкур озод карда мешаванд.
• Сармоягузороне, ки аз гардиши коғазҳои қиматнок дар Биржаи фондии Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад дарёфт мекунанд, ин даромад аз пардохти андоз аз афзоиши арзиши коғазҳои қиматнок ва аз андози ҳаққи саҳм (дивиденд) ба муҳлати 5 сол озод карда мешаванд.

Биржаи фондӣ вазифадор аст, ки ба мақоми ваколатдори давлатӣ маълумоти асоснокро дар бораи бақайдгирии андозсупорандагон ба мақсади вогузории имтиёз пешниҳод намояд. Имтиёзи андоз фақат баъд аз бақайдгирии андозсупоранда ва пешниҳоди шаҳодатномаи дахлдор истифода бурда мешавад.

Дар сурати анҷом додани амалиёт бо коғазҳои қиматнок дар бозори номуташаккили коғазҳои қиматнок аз тарафи эмитентҳо ва сармоягузорон, чунин амалиёт мутобиқи тартиботи умумӣ андозбандӣ карда мешавад.

Муҳлати нигоҳдории санадҳо, ҳамчунин, муҳлати мурури даъво то муҳлати вогузории имтиёзи андоз тамдид карда мешавад.

Андозсупорандагон субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок– иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, эмитентҳо ва сармоягузорони иштироккунанда дар бозори муташаккили коғазҳои қиматнок мебошанд.

Ба фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок инҳо дохил мешаванд:
• фаъолияти брокерӣ,
• фаъолияти дилерӣ,
• фаъолият доир ба идоракунии сандуқи коғазҳои қиматнок;
• фаъолият доир ба муйян намудани уҳдадориҳои мутақобила (клиринг) дар мавриди коғазҳои қиматнок;
• фаъолият доир ба тартиб додани рӯйихати дорандагони коғазҳои қиматнок;
• фаъолияти депозитарӣ;
• фаъолият доир ба созмондиҳии тиҷорат дар бозори коғазҳои қиматнок.

Эмитентҳо–ашхоси ҳуқуқие мебошанд, ки намоянда (резидент) ё ғайринамоянда (нерезидент) ҳастанд ва коғазҳои қиматноки онҳо дар биржаҳои фондии амалкунанда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд.

Сармоягузорон–ашхоси воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки резидент ё ғайрирезидент ҳастанд ва аз муомилаи коғазҳои қиматнок дар Биржаи фондии Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад дарёфт мекунанд.

➢ **Андозбандӣ аз рӯйи созишномаҳо (шартномаҳо) дар бораи тақсими маҳсулот**

Ин навъи андоз барои муассисаҳое, ки машғул ба истихроҷи маъдан дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон машғуланд ва созишномаро дар бораи тақсими маҳсулот мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тақсими маҳсулот” имзо кардаанд, вогузор мешавад. Аз рӯйи ин режими андоз:
• сармоягузор аз андоз ба манбаъҳои табиӣ (вобаста аз шартҳои созишнома дар бораи тақсими маҳсулот) озод карда мешавад
• таҳвили маҳсулоти истеҳсолшуда аз тарафи сармоягузор аз андози арзиши илова ва аксиз озод карда мешавад;
• сармоягузор аз андоз барои фоида озод карда мешавад;
• амволи воридшаванда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои кор аз рӯйи созишнома дар бораи тақсими маҳсулоти пешбинишуда дар барномаи кор ва сметаи хароҷоти тасдиқшуда дар созишнома дар бораи тақсим маҳсулот, аз пардохти андоз аз арзиши илова озод карда мешавад.

Дар робита ба андозе, ки мутобиқи режими мазкури имтиёзи андоз пардохта мешавад, андозсупорандагон ашхосе эътироф карда мешаванд, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тақсими маҳсулот” ва талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузор мебошанд.

Фаъолияти сармоягузор дар робита ба иҷрои созишнома дар бораи тақсими маҳсулот, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун фаъолияти шахси мустақили ҳуқуқӣ–муассиса, ки резидент мебошад, мавриди баррасӣ қарор мегирад.

3.3. Пардохтҳои гумрукӣ (ставка ва боҷи гумрукӣ, санадҳои зарурӣ барои тартиботи гумрукӣ, имтиёзҳо оид ба пардохтҳои гумрукӣ)

Тартиботи ситонидани пардохтҳо ва боҷи гумрукӣ ҳангоми амалисозии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз тарафи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим мешавад. Мизони (ставкаи) пардохтҳо ва боҷи гумрукӣ (боҷи воридотӣ ва содиротӣ, боҷ, аксиз) аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Тоҷикистон аз соли 2013 аъзои Созмони ҷаҳонии тиҷорат мебошад.

Пардохтҳои гумрукӣ ва боҷи гумрукӣ

Боҷи гумрукии воридотӣ

	Объекти пардохт/боҷ	Ставка (ба фоиз аз арзиши гумрукӣ ё ба асъор)
1	Чорвои зинда, ба ғайр аз чорвои хушзот, ғуноҷин (чорвои шохдори калони мода), гов, мокиён, ки аз рӯйи ставкаи сифр ҳисоб карда мешавад	5%
2	Маҳсулоти озуқаворӣ (гӯштӣ, ширӣ, тухм)	аз 5% то 15%
3	Сабзавот, бехмеваи хӯрданибоб	аз 5% то 23%
4	Меваҷот ва чормағз, пӯсти меваҳои ситрусӣ ё пучоқи харбуза	аз 5% то 16%
5	Қаҳва, чой, мате ё чойи парагвай ва дорувор	5%
6	Гиёҳҳои хушадор; Тухмӣ ва меваи зайтун; дигар тухмиҳо ва мева; гиёҳҳои шифобахш ва рустаниҳо барои мақсадҳои техникӣ; коҳ, ему алаф	5%
7	Маҳсулоти саноати ордкашӣ ва ярмагӣ, суманак; оҳар; инулин; ширешаки ғалла	аз 10% то 12%
8	Сӯзишвории минералӣ, нафт ва маҳсулоти нафтӣ; маводи битумӣ; муми минералӣ	аз 5% то 10%
9	Таркибҳои органикии кимиёӣ	аз 3% то 6,5%
10	Маҳсулоти доруворӣ	аз 5% то 10%
11	Нурӣ	6,5%

12	Чӯб ва маснуоти чубӣ; ангишти чӯб	аз 5% то 10%
13	Пахта	аз 15% то 20%
14	Либос ва лавозимоти либос, трикотажи бофташудаи мошинӣ ё дастӣ	аз 15% то 20%
15	Филизи сиёҳ; маснуот аз филизи сиёҳ; филизоти ранга	аз 5% то 10%
16	Мошинҳо, таҷҳизот, дастгоҳҳо	аз 5% то 12%

Тамоми амволи воридшуда ва хизматрасонӣ андоз аз арзиши иловаро аз рӯйи мизони 18% пардохт менамоянд (ба ғайр аз озодшуда аз андози арзиши илова).

Аксиз аз воридот

	Амволи аксиздор мутобиқи феҳристи тасдиқшуда бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:	Ставка (ба фоиз аз арзиши гумрукӣ ё ба асъор)
1	Об, ба шумули оби табиӣ ё сунъии минералӣ, газдор, бе иловаи қанд ё дигар маводи хушбӯйкунанда ё ширинкунанда; ях ва барф	0,02 евро барои 1 литр
2	Пивои беалкогол/пивои солодовӣ	0,10 евро барои 1 литр
3	Май (вино)	0,25 евро барои 1 литр
4	Спирти денатуратсиянашуда бо дараҷаи ғилзати 80 об.% ё бештар	0,60 евро барои 1 литр
5	Спирти этилии денатуратсиянашуда, ки дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеҳсоли маҳсулоти алкоголӣ ба фурӯш мерасад	0
6	Спирти денатуратсиянашуда бо дараҷаи ғилзати камтар аз 80 об.%; шароби спиртӣ, ликёр ва дигар нӯшокиҳои спиртӣ	2,5 евро барои 1 литр 100 % спирт
7	Сигарет	аз 0,50 то 1 евро барои 1000 адад
8	Дигар тамокуи ба таври саноатӣ таҳияшуда ё ивазкунандаҳои саноатии тамоку	20%
9	Нафт ва маҳсулоти нафтии бадастомада аз ҷинсҳои битумӣ	60 евро барои тонна
10	Бензини моторӣ, авиатсионӣ, сӯзишвории бензинии реактивӣ	55 евро барои тонна
11	Сӯзишвории реактивӣ	25 евро барои тонна
12	Сӯзишвории дизелӣ	8 евро барои тонна

13	Топливо для специфических процессов переработки (печное топливо)	25 евро барои тонна
14	Мазут	0
15	Гази нефтӣ ва карбогидриди газмонанд ва ғайра	4 евро барои тонна
16	Гази нафтӣ ва карбогидриди газмонанди интиқолёбанда ба воситаи лӯла (қубур, труба)	0
17	Маводи молиданӣ	60 евро барои тонна
18	Шина, покришкаи пневматикии резинии нав	13%
19	Маснуоти заргарӣ, маснуоти тиллоӣ, нукрагини устоҳо ва ғайра	5%
20	Автомобилҳои сабукрав ва дигар воситаҳои нақлиёти мотории таъиншуда асосан барои кашонидани одамон (ба ғайр аз воситаҳои нақлиёти мотории позитсияи амволи 8702), ба шумули автомобил–фургонҳои ҳамли бор ва мусофир ва автомобилҳои пойга	110%, аммо на камтар аз 0,15 евро барои 1 см3 ротсд

ОЗОДКУНӢ АЗ БОҶИ ВОРИДОТӢ ВА ИМТИЁЗҲО ОИД БА ОН

- **Дар ҷараёни сохтмони неругоҳҳои обии барқӣ:**

• ворид кардани амвол барои сохтмони неругоҳи барқи обӣ, ки объекти махсусан муҳим мебошад, аз андози арзиши илова озод карда мешавад;
• ворид кардани амвол барои сохтмони неругоҳи барқи обӣ, ки объекти махсусан муҳим мебошад, аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.

- **Доир ба муассисаҳои машғул ба коркард:**

• ворид кардани амвол бевосита барои эҳтиёҷоти муассисаҳои навтаъсис, ки ба давраи (сикли) комили коркарди пахта машғуланд (аз нахи пахта то маснуоти дӯзандагии пахтагӣ), аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андози арзиши илова ба муҳлати то 12 сол озод карда мешаванд– аз 1 январи соли бақайдгирии давлатӣ ва барои муассисаҳои фаъол аз 1 январи соли 2018;
• ворид кардани амвол бевосита барои эҳтиёҷоти муассисаҳои навтаъсис ва фаъол, ки ба давраи (сикли) комили коркарди саноатии чарм, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми кишоварзӣ машғуланд, аз пардохти боҷи гумрукӣ ва андози арзиши илова ба муҳлати то 5 сол озод

карда мешаванд–барои муассисаҳои навтаъсис аз 1 январи соли бақайдгирии давлатӣ ва барои муассисаҳои фаъол аз 1 январи соли 2018;
• ворид кардани амвол барои эҳтиёҷоти худии муассисаҳои мурғпарварӣ ва муассисаҳое, ки машғул ба истеҳсоли хӯрокаи омехта барои мурғ ва чорво мебошанд, аз пардохти боҷи гумрукӣ ба муҳлати 6 сол озод карда мешаванд.

- **Доир ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ:**

• ворид кардани амволи ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд;
• ворид кардани амволи ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти андоз аз арзиши илова озод карда мешаванд;
• ворид кардани амволи ватанӣ ва хориҷӣ ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти аксиз озод карда мешаванд.

- **Кишоварзӣ:**

• ворид кардани техникаи таъйиноти кишоварзӣ аз андози арзиши илова озод карда мешаванд;
• ворид кардани техникаи таъйиноти кишоварзӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

- **Чорводорӣ:**

• ворид кардани технология, таҷҳизот ва мавод барои таъмини талаботи соҳаи мурғпарварӣ ё ворид кардани амвол бевосита барои эҳтиёҷоти худии муассисҳои мурғпарварӣ ва муасссисаҳо оид ба истеҳсоли хӯрокаи омехта барои мурғ ва чорво аз пардохти андози арзиши илова озод карда мешаванд;
• ворид кардани технология, таҷҳизот ва мавод барои таъмини талаботи соҳаи мурғпарварӣ ё ворид кардани амвол бевосита барои эҳтиёҷоти худии муассисҳои мурғпарварӣ ва муасссисаҳо оид ба истеҳсоли хӯрокаи омехта барои мурғ ва чорво аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд;
• дар соли 2018 воридоти тамоми чорвои зотӣ (таъйиншуда барои гӯшт, шир ва пашм), тухмии элитаи w навъи репродуктивии зироати кишоварзӣ дар асоси санадҳои тасдиққунандаи навъ ва сифати тухмӣ аз хориҷа ба мақсади парвариш ва истеҳсол, ҳамчунин, тухмӣ барои пиллатайёркунӣ аз андози арзиши илова ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

Сайёҳӣ:

• ворид кардани таҷҳизот, техника ва маводи бинокорӣ барои объектҳои сайёҳӣ (аз ҷумла барои меҳмонхонаҳо, итироҳатгоҳҳои табобатӣ ва истироҳатгоҳҳо, марказҳои туристӣ ва дигар объектҳои сайёҳӣ) аз пардохти андози арзиши илова озод карда мешаванд;
• ворид кардани таҷҳизот, техника ва маводи бинокорӣ барои объектҳои сайёҳӣ (аз ҷумла барои меҳмонхонаҳо, истироҳатгоҳҳои табобатӣ ва истироҳатгоҳҳо, марказҳои туристӣ ва дигар объектҳои сайёҳӣ) аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

Доруворӣ:

• ворид кардани доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, дорусозӣ ва асбобу афзори тиббӣ аз пардохти андози арзиши илова озод карда мешаванд;
• ворид кардани доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, дорусозӣ ва асбобу афзори тиббӣ аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд;
• ворид кардани мавод ва ашё барои тавлиди доруворӣ аз пардохти андози арзиши илова озод карда мешаванд;
• ворид кардани мавод ва лавозимот барои тавлиди доруворӣ аз боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд;
• ворид кардани технологияи навтарин барои муассисаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти муосири ташхис ва табобат аз пардохти андози арзиши илова озод карда мешаванд;
• ворид кардани технологияи навтарин барои муассисаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти муосири ташхис ва табобат аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

Доир ба таъминоти комплексӣ:

• ворид кардани таҷҳизоти истеҳсолӣ-технологӣ ва маснуоти такмилкунандаи он, ки комплекти ягонаи технологиро ташкил медиҳад, аз пардохти андози арзиши илова озод карда мешавад;
• ворид кардани таҷҳизоти истеҳсолӣ-технологӣ ва маснуоти такмилкунандаи он, ки комплекти ягонаи технологиро ташкил медиҳад, аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.

Сохтмони объектҳои махсусан муҳим:

• ворид кардани амвол барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим аз пардохти андози арзиши илова озод карда мешавад;

• ворид кардани амвол барои сохтмони объектҳои махсусан муҳим аз пардохти боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.

Доир ба таъминоти гандум:

• ставкаи пойиншудаи андози арзиши илова (10%) барои фаъолияти алоқаманд бо таъминоти гандуми воридшуда (ба истиснои гандуми воридшаванда барои истеҳсоли амволи аксиздор) ба муассисаҳои коркард, ҳамчунин, барои фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда аз гандум (яъне орд ё сабӯс).
• ставкаи пойиншудаи андози арзиши илова (10%) барои фаъолияти алоқаманд бо воридоти гандум (ба истиснои гандуми воридшаванда барои истеҳсоли амволи аксиздор).

Барои истеҳсоли алюминий:

• ворид кардани амволи бевосита истифодашаванда барои истеҳсоли алюминийи аввалия аз пардохти андози арзиши илова озод карда мешавад;
• ворид кардани алюминийи аввалия аз андози арзиши илова озод карда мешавад.

Имтиёзҳо доир ба гурӯҳи кишварҳо:

• ставкаи сифри боҷи гумрукии воридотӣ ҳангоми ворид кардани амволи сохти давлатҳои узви Ҷомеаи Иқтисодии АвруОсиё ва Украина. Аз 1 ноябри соли 2003 режими тиҷорати озод муқаррар шуда, ставкаи сифри боҷи гумрукии воридотӣ ҳангоми воридоти амволи сохти давлатҳои узви Ҷомеаи Иқтисодии АвруОсиё ҷорӣ карда шудааст, ба истиснои “Маъдан ва консентрати алюминий (гилхок) ва “Оксиди алюминийи фарққунанда аз корунди сунъӣ(гилхок)”;
• ставкаи сифри боҷи гумрукии воридотӣ ҳангоми воридоти амволи истеҳсолшуда дар Украина, ба истиснои амволи беруншуда аз режими тиҷорати озод;
• ставкаи пойиншудаи боҷи гумрукии воридотӣ ба андозаи **панҷоҳ дарсад** (фоиз) аз ставкаи қабулшуда ҳангоми воридоти амвол аз кишварҳои камтар рушдёфта амал мекунад.

ДОИР БА БОҶИ СОДИРОТӢ

Имтиёзҳо ба кор бурда мешаванд:

• фаъолияти вобаста ба таъмин ё содироти пахта, нахи пахта аз андози арзиши илова озод карда мешавад;

• воридоти ашёи хом (фурнитура) ҷиҳати таҳияи либоси мактабӣ барои фабрикаҳои дӯзандагӣ аз андози арзиши илова озод карда мешавад;

• таъмини (фурӯши) либоси мактабӣ ва томактабии истеҳсоли ватанӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андози арзиши илова озод карда мешавад;

• таъмини (фурӯши) дорувории истеҳсоли ватанӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андози арзиши илова озод карда мешавад;

Боҷи гумрукии содиротӣ

	Объекти ба коргирии пардохт/боҷ	**Ставка (ба фоиз аз арзиши гумрукӣ ё ба асъор)**
1	Пӯсти коркарднашудаи чорвои калони шохдор, гӯсфанд	300 евро барои 1000 кг
2	Пилла/пиллаи хом/пасмондаҳои абрешим	20%, аммо на камтар аз 100 евро барои 1000 кг
3	Нахи пахта, ки мавриди каркард ё наддофӣ қарор нагирифтааст	10%
4	Партов ё шикастапораҳои чуяни рехтагарӣ/пӯлод/мис/алюминий	30%, аммо на камтар аз 200 евро барои 1000 кг
5	Партов ва шикастапораҳо аз алюминийи нелегированӣ/аз хӯлаи алюминий	на камтар аз 70 евро барои 1000 кг

Боҷи гумрукӣ барои ба расмият даровардани амвол ва воситаҳои нақлиёт

	Арзиши гумрукии амвол ва воситаҳои нақлиёт	Боҷи гумрукӣ
1	то 5001 долл. ИМА	10 доллари ИМА
2	аз 5001 до 10001 долл. ИМА	20 доллари ИМА
3	аз 10001 до 50001 долл. ИМА	70 доллари ИМА
4	аз 50001 до 100001 долл. ИМА	150 доллари ИМА
5	аз 100001 доллари ИМА ва бештар	450 доллари ИМА

Боҷи гумрукӣ барои нигоҳдории амвол дар анборҳои мақомоти андоз

		Боҷ
1	воситаҳои нақлиёт барои як воҳид дар шабонарӯз	0,5 доллари ИМА
2	амвол барои 50 кг дар шабонарӯз	0,01 доллари ИМА

Бахши 4

БИЗНЕС – ХИЗМАТРАСОНӢ

4.1 Хизматрасонии молиявӣ

Хизматарсонии бонкӣ

Дар низоми дузинагии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллӣ чун бонки эмиссионӣ ва захиравӣ зинаи аввали онро муаррафӣ менамояд.

Тарифҳои подошдиҳии комиссионии бонкҳои тиҷоратӣ барои иҷрои супориши мизоҷон ва хизматрасонии корти бонкӣ*

№	НОМГӮЙИ ХИЗМАТРАСОНӢ	АРЗИШИ ХИЗМАТРАСОНӢ
1	Боз кардани суратҳисоб ва дигар ҳисоб барои ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ барои ҳар як ҳисоб дар алоҳидагӣ (ба ғайр аз депозитҳои амонатӣ ва ҳисоби қарзӣ)	то 50,00 сомонӣ
2	Қабул ва интиқоли маблағ аз дигар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бе кушодани суратҳисоб барои ашхоси ҳуқуқӣ ва намояндагони онҳо	0,5% аз маблағ
3	Интиқоли маблағ дар дохили система	ройгон
4	Додани маблағи интиқолӣ ба шакли нақдӣ аз филиалҳо ва дигар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бе кушодани кардани суратҳисоб	0,5% аз маблағ
5	Додани маблағи депозитии воридшуда ба шакли ғайринақдӣ аз дигар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз филиалҳо	аз 0,2% то 0,5% аз маблағ дар асоси шартнома
6	Интиқоли маблағ ба ҳисоби дигар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бе кушодани суратҳисоб	0,5% аз маблағ
7	Хизматрасонии хазинавӣ (кассавӣ)	0,2% то 3% аз маблағ (аз рӯйи созиши тарафҳои шартномабаста)

№	Н О М Г Ӯ Й И Х И З М А Т Р А С О Н Ӣ	АРЗИШИ ХИЗМАТРАСОНӢ
8	Расонидани маблағ ба маҳали таъиншуда бо тақозои мизоҷ (инкассатсия)	1% аз маблағ(бе дарназардошти хароҷот барои сӯзишворӣ)
9	Интиқоли депозитҳои амонатӣ дар дохили Тоҷикистон	0,3-0,5% от суммы
10	Интиқоли ашхоси ҳуқуқӣ ба бонкҳои хориҷӣ	0,1% аз маблағ (минимум 75 сомонӣ, максимум 1250 сомонӣ)
11	Додани асъори хориҷии нақд аз суратҳисоби ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ	аз 0,5% то 2% аз маблағ (мувофиқи созиши тарафҳои шартнома)
12	Пардохти маблаги интиқолӣ ба ашхоси воқеӣ	1% аз маблаг
13	**АККРЕДИТИВҲОИ САНАДӢ**	
13.1	Кушодани аккредитив	0,3% аз маблаг, минимум, 150 сомонӣ
13.2	Авизои аккредитиви санадӣ	0,1% аз маблаг, минимум 100 сомонӣ
13.3	Тасдиқи аккредитив	мувофиқи созиш
13.4	Уҳдадории рамбурсӣ	0,2 % аз маблаг, минимум 200 сомонӣ
14	**НАЗОРАТИ АСЪОРӢ**	
	Пардохт барои таҳияи паспорт доир ба муомилоти содиротӣ	0,1% аз маблаги зикршуда дар тасдиқнома (справка)
15	**КАФОЛАТ**	

№	Н О М Г Ӯ Й И Х И З М А Т Р А С О Н Ӣ	АРЗИШИ ХИЗМАТРАСОНӢ
15.1	Додани кафолат бари иштирок дар тендер бе пардохти маблағ, дар сурате, ки дар бонк суратҳисоб мавҷуд бошад	1% аз маблағи кафолат
15.2	Додани кафолат барои иштирок дар тендер бо дарназардошти ҷуброни маблаг, агар дар бонк суратҳисоб вуҷуд дошта бошад	0,2% аз маблаги кафолат
15.3	Мактуби кафолат барои иҷрои кор ва хизматарсонӣ ҷиҳати таъмини мавод бидуни ҷуброни маблаг, агар дар бонк суратҳисоб мавҷуд бошад	1,5% аз маблаги кафолат
15.4	Мактуби кафолат барои иҷрои кор ва хизматарсонӣ ҷиҳати таъмини мавод бо дарназардошти ҷуброни маблаг, агар дар бонк суратҳисоб мавҷуд бошад	0,3% аз маблаги кафолат
15.5	Дигар навъҳои мактуби кафолат бе ҷуброни маблаг, агар дар бонк суратҳисоб мавҷуд бошад	1,5% аз маблаги кафолат
15.6	Дигар навъҳои мактуби кафолат бо дарназардошти ҷуброни маблаг, агар дар бонк суратҳисоб мавҷуд бошад	0,3% аз маблаги кафолат
16	**ТАҒЙИРИ ШАРТҲОИ КАФОЛАТ**	
16.1	Барои иштирок дар тендер	0,2% аз маблаги кафолат
16.2	Барои иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар объектҳои сохтмонӣ	0,2% аз маблаги кафолат
16.3	Барои иҷрои қарордод ҷиҳати таъмин	0,3% аз маблаги кафолат
17	**КАФОЛАТИ ВОРИДОТӢ**	
17.1	Барои додани кафолат (барориши техникӣ)	0,15%, min. 250 сомонӣ
18	**КАФОЛАТИ СОДИРОТӢ**	

№	НОМГӮЙИ ХИЗМАТРАСОНӢ	АРЗИШИ ХИЗМАТРАСОНӢ
18.1	Барои додани кафолат (бо пешниҳоди ҷуброн)	0,05%, min. 250 сомонӣ
18.2	Барои додани кафолат (бе пешниҳоди ҷуброн)	0,05%, min. 250 сомонӣ
	КОРТҲОИ БОНКӢ	
1	**Барои ашхоси воқеӣ**	
1.1	Кушодани суратҳисоби депозитӣ барои тамоми навъҳои корт	ройгон
1.2	Хизматрасонии суратҳисоби кортӣ	ройгон
1.3	Пешниҳод ва насби барномаҳои автоматикунонии додани музди меҳнат барои кормандони ташкилот ва омӯзиш дар доираи тарҳҳои муздикорӣ	ройгон
1.4	**Пардохти аввалия ба суратҳисоби депозитӣ:**	
	Корти миллӣ	10 сомонӣ
	Visa Electron	50 сомонӣ
	Visa Classic	150 сомонӣ
	Visa Gold	500 сомоӣ
1.5	***Депозити суғуртавӣ аз рӯйи корт:***	
	Корти миллӣ	ройгон
	Visa Electron	ройгон
	Visa Classic	500 сомонӣ
	Visa Gold	2500 сомонӣ

** Маълумоти миёна ба иттилооти 10 бонки пешбари кишвар такя менамояд.*

ҚАРЗДИҲӢ

Манбаъҳои асосии қарздиҳӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ дар кишвар бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд мебошанд, ки барои ҳадафҳои гуногун қарз медиҳанд: барои шаклгирии сармояи ибтидоӣ, барои

такмили маблағи гардиш, хариди таҷҳизот ва лавозимоти технологӣ, маблағгузории амалиёти воридотӣ–содиротӣ ва ғайра.

Маъмулан, барои кредити бонкӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминот зарур аст. Дар амал бонкҳо пешниҳоди гаравро аз мизоҷ талаб мекунанд, ки арзиши он на камтар аз 125% маблағи қарзро ташкил медиҳад, ҳамчунин суғуртанома талаб карда мешавад, агар гарав дороии манқул ва ғайриманқул бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон феҳристи уҳдадориҳои гаравӣ омода (дастрас аст дар: http://fehrist.tj/Content.aspx?page=main&)

Феҳристи уҳдадориҳои гаравӣ махзани маълумотест, ки ба ҳамагон дар шабакаи интернет дастрас мебошад ва он ба муассисаҳои молиявӣ бақайдигирии чунин амвол ба монанди чорво, мошинолот ва воситаҳои нақлиёт имкон медиҳад ва истифодаи гаравҳои манқулро барои гирифтани қарз осон мегардонад

Маълумот дар бораи навъи кредит ва ставкаи миёнаи фоизи қарз аз рӯйи ташкилотҳои пешбари қарзӣ

Номгӯйи ташкилот	Навъи қарз (кредит)	Ставкаи фоизӣ	Эзоҳот
“Амонатбонк”	Қарзи истеъмолӣ; қарз барои рушди саноат ва сохтмон; барои рушди соҳибкории хурд ва миёна; барои гузаронидани тартиботи гумрукӣ, овердрафт.	Ставкаи солона барои се намуди аввали қарзи пешниҳодӣ солона аз 26% то 28% ташкил медиҳад, барои ду навъи охирон солона – 30%	Муҳлати истифодаи қарз вобаста аз навъ аз 30 то 3 сол
